8 март - Рӯзи модар муборак!

ТОҶИКИСТОН

№10 (1521)
07.03.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~





МАЙЛИ РУСИЯ БА ОМ

Аз сафари Мишустин ба Тоҷикистон то интизориҳо

В РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКУЮ IT-КОМПАНИЮ MATADOR ТРЕБУЕТСЯ МЕНЕДЖЕР ПО ПРОДАЖАМ

Требования:
- Опыт работы в продажах от 2-х лет;
- Навыки ведения переговоров, составления коммерческих предложений;
- Коммуникабельность, инициативность.

Условия работы:
- Комфортный офис в центре города;
- График работы 5/2 с 9.00 до 18.00;
- Официальное трудоустройство;
- Высокая заработная плата.

Резюме отправлять на info@matador.tj.

Matador

МЫ ИЩЕМ ТЕБЯ

ХУҶАСТАИ МИРЗОВАЛӢ:
Пул лозим аст, вале истеъдод муҳимтар! с.11

АЪЗАМҶОН АЗИМОВ:
Айб дар донишгоҳ не, дар мактаби миёна аст! с.4

НИГАРОНӢ:
Ҳоли хароби мазори бузургон дар пойтахт с.5

ҶАЙҲУН
500 иншоот то 35-солагии Истиқлол с.8

РӮЗИ МОДАР
Оё зани деҳотӣ ба он ҳақ надорад? с.3

ЛОИҚ РАҶАБОВ
Қаҳрамони нави тоҷик дар UFC с.12

ПЕШНИҲОД
Гурӯҳи сайёр барои ивази шиноснома с.6

СОМОН ЭЙР
Роҳи зоиронро ба Ҳаҷ наздик кард с.5

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ҚУДРАТИ НИЗОМИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАДДАБАНДӢ

Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонии кишварҳо аз рӯи сатҳи қудрати низомии Global Firepower дар байни 145 кишвар дар ҷойи 120-ум қарор гирифт. Индекси кишвар 2,6403-ро ташкил дод.

Соли гузашта кишвар дар байни 138 кишвари ҷаҳон дар ҷойи 111-ум қарор гирифта буд.

Қайд карда мешавад, ки нишондиҳанда ҳар қадар камтар бошад, қудрати низомии кишвар ҳамон қадар бештар мешавад.

Коршиносони раддабандӣ 60 омили гуногун, аз ҷумла ҳароҷоти соҳаи мудофиа, техника ва таҷҳизот, шумораи артиш, дастрасӣ ба захираҳое, ки ба қудрати ҷангии артиш таъсир мерасонанд ва ғайраро арзёбӣ кардаанд.

Омили мавҷудияти силоҳи ҳастаӣ ба назар гирифта нашудааст.

Миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ Ӯзбекистон дар ҷойи 62 (1,0692), Қазоқистон 63 (1,0873), Туркманистон 82 (1,5986), Қирғизистон 107 (2,1703) қарор доранд. Афғонистон дар ҷои 114-ум (2,3118) аст. Кишварҳои дорои қудрати низомии баландтаринро Иёлоти Муттаҳида, Русия ва Чин раҳбарӣ мекунанд. Раддабандиро кишвари Бутан ба охир мерасонад.



РЕКТОРИ ДМТ МАҚОМИ НАВ ГИРИФТ

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода ноиби Президенти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои АвруОсиё интихоб гардид.

Анҷумани 15-уми Ассотсиатсияи донишгоҳҳои АвруОсиё чанд рӯз пеш дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов баргузор шуд. Дар ин Анҷуман роҳбарон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бонуфуз аз давлатҳои АвруОсиё ширкат варзиданд.

Дар ифтитоҳи Анҷуман ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон дар робита ба самтҳои гуногуни илмию таълимӣ ва саҳми Ассотсиатсияи донишгоҳҳои АвруОсиё дар рушди ҳамаҷонибаи донишгоҳҳои ҳамкор суханронӣ намуд. Инчунин, дар ҳошияи баргузории Анҷумани мазкур дар самти ҳамкориҳои гуногунҷанбаи аъзои Ассотсиатсия ёддоштҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Аз ҷумла, ректори ДМТ Қобилҷон Хушвахтзода бо ректори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов Садовничий Виктор Антонович вохӯрӣ намуда, дар робита ба самтҳои мухталиф табодули афкор намуданд.

КУМАКИ АГЕНТИИ ОҒОХОН БА ИМДОДГАРОНИ ТОҶИК

Байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон ва Агентии Оғохон оид ба муҳити зист маросими қабули таҷҳизоти техникӣ барои гурӯҳи наҷотдиҳандагон баргузор гардид.

Бино ба иттилои КҲФ, барои дастаҳои наҷот васоити зарурӣ чиҳати анҷоми корҳои садамавӣ - курсиҳои эвакуатсия, прожекторҳои диодӣ, таҷҳизоти ғаввосӣ, фонусҳо барои фаъолиятҳои зериобӣ ва расанҳои наҷот супурда шудаанд.

Санади таҳвил ва қабули таҷҳизот аз ҷониби раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон, генерал-полковник Рустам Назарзода ва сарвари Агентии Оғохон оид ба муҳити зист ҷаноби Наваб Алӣ Хон имзо шуд. Ҳамаи ин таҷҳизот барои роҳандозии корҳои садамавиву наҷот аз ҷониби имдодгарон истифода хоҳанд шуд.

ПРЕЗИДЕНТ: ЭҲТИРОМИ МОДАРОНРО БА ҶО ОРЕД!

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бонувони тоҷикро бо ҷашни Рӯзи модар табрик гуфт.

"Модар мураббии нахустини инсон, субҳи гулафшони баҳор, хуршеди ишқу муҳаббат, паёмовари сулҳу саҳо ва дарёи бепоёни меҳр аст. Маҳз ба ҳамин хотир, модарро дар адабиёти ҷаҳонӣ «фариштаи меҳр» ва «мавҷуди муқаддас» номидаанд",- омадааст дар паёми шодбошии Президент ба ин муносибат.

Ба таъқиди Сарвари давлат, ҳоло 25 фоизи хизматчиёни давлатии кишвар, аз ҷумла, 20 фоизи кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувон мебошанд.

"Ҳамчунин, 25 фоизи соҳибкорони инфиродӣ ва 23 фоизи роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ занону бонувон мебошанд",- изҳор дошт ӯ.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин гуфт, ки дар бунёди иншооти муҳими аср - нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» 900 нафар занон баробари мардон заҳмат кашида истодаанд.

"Мо вазифадорем, ки модарону бонувонро ҳамчун чароғи хонадон ва нигоҳдорандаи гармии ҳар як хонаву кошона дӯст дорем, ба қадри муҳаббату бедорхобӣ ва заҳмату талошҳои онҳо расем, эҳтиромашонро ба ҷо оварем ва кӯшиш намоем, ки модарону бонувон ва хоҳарону духтарони мо ҳамеша саломат, хушбахт ва саодатманд бошанд",- таъкид дошт Сарвари давлат.

САРИ САБЗ



Хайрулло ДАВЛАТОВ, рассом, ҳаҷвнигор, ҳунарманди театр

- Бештар майл дорам ба тасвири табиати зебо ва чеҳранигорӣ. Бо хоҳиши дӯстону рафиқон бароямон чеҳранигорӣ мекунам ва ё барои завқу дилам манзараҳои зебои диёрамонро тасвир менамоям.

- Агар махфӣ набошад, дӯстону рафиқоне, ки хоҳиш мекунанд, барои заҳмататон ягон сомонӣ ҳақи қалам медиҳанд? Агар не, тасвири манзараҳои зебои диёрамон беҳтар аст.



Сабоҳат НУРОВА, омӯзгори фанни «Маърифати оиладорӣ»

- Духтардорон пеш аз он ки духтарашонро ба хонаи бахташ гусел мекунанд, дар қатори чиҳози арзанда ба гӯши фарзанди худ ҳалқа кунанд, ки ту бояд созандаи зиндагии худат бошӣ!

- Эҳааа, як гапҳои аҷоибе мегӯед ки, муаллима! Бовари кӣ меояд, ки духтарҳо ба ҷои тиллову нуқраву брилиант панду насиҳатро ҳалқаи гӯш кунанд?...



Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР, рӯзноманигор ва фаъоли ҷомеаи шахрвандӣ

- Ҳеҷ гоҳ нашудааст, ки фармони аз кор рафтанамро роҳбарият бароварда бошад. 6-7 сол дар як вазифа кор кардед, бас аст, бояд дигар кас кор кунад. Потенсиал, андеша ва назаратро гуфтӣ, реформа кардӣ, бас аст.

- Акнун ки аз кор истеъфо додед, шояд бисёр нафарон хурсанд шуданд. Ба он хотир, ки дигар ҳар замон чунин таъкид намешунаванд: "Китоб хон!".



МАЙЛИ РУСИЯ БА ОМ

Аз сафари Мишустин ба Тоҷикистон то интизориҳо

Ҳафтаи гузашта Сарвазири Русия Михаил Мишустин бо як ҳайати бонуфуз ба Тоҷикистон сафар доштанд. Михаил Мишустинро дар ин сафар ду муовинаш, 7 вазир, 4 губернатор ва даҳҳо роҳбарони ширкатҳои тиҷоратӣ ҳамроҳӣ карданд. Тавре маълум, ин аввалин сафари Михаил Мишустин пас аз таъин шудан ба мақоми Сарвазири Русия ба шаҳри Душанбе мебошад.

Шарики стратегӣ

"Шарики асосии тиҷоратӣ" - ин ибораест, ки дар гуфтушуниди расмии ду кишвар борҳо таъкид мегардад. Ҳоло Русия дар сохтори гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон мавқеи пешсаф дорад. Дар соли гузашта гардиши мол миёни ду кишвар 23,7 дарсад афзоиш ёфта, ба 1 миллиарду 674 миллион доллар расидааст. Воқеан, ин рақами хеле назаррас аст. Дар мулоқоти Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Русия Михаил Мишустин низ масоили имконоти бузурги ҳарду кишвар ҷиҳати афзоиши тиҷорат ва якҷоя амалӣ намудани лоиҳаҳои бузурги сармоягузории барои ҷонибҳо судманд мавзуҳои меҳварӣ буданд. Аз ҷумла, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳи ҳамкориҳо дар соҳаи гуманитарӣ баҳои баланд додааст. Ҳамзамон, барои густариши минбаъдаи робитаҳои амалӣ дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ изҳори ҳавасмандӣ карда шудааст.

Даъвати Мишустин аз Тоҷикистон

Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё. Ин созмони иқтисодӣ ҳоло панҷ кишвар - Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Белорус ва Арманистонро ба ҳам овардааст. Ҳадаф аз таъсиси ин иттиҳод гардиши озоди молу маҳсулот, имтиёз ба муҳоҷирон ва дигар хизматрасониҳои манфиатбор барои кишварҳои аъзо мебошад. Аммо бо вуҷуди пойкӯбиҳои кишварҳои аъзои ин созмон, Тоҷикистон ба ин созмони иқтисодӣ шомил нашудааст. Намояндагони блоки иқтисодии кишвар ҳам мегӯянд, ки ҳоло дар раванди омӯзиш қарор дорем. Аммо Михаил Мишустин дар Душанбе ин масъаларо низ ба миён гузошт. Яъне, ҷониби Русия аз Тоҷикистон даъват кардааст, ки ба механизмҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё таваҷҷуҳ сурат гирад.

Сарвазири Русия Михаил Мишустин дар нишасти нуҳуми ҳамкориҳои Тоҷикистону Русия дар Душанбе иброз дошт, ки ҳамкории наздик бо Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё метавонад барои кишвар имкониятҳои бештар фароҳам орад. Михаил Мишустин барои Тоҷикистон "имкониятҳои бемисл" ва ширкат "дар барномаҳои зарурӣ"-ро ваъда дод, вале мушаххас аз ягон имконият ва барномае ном набурд.

"Ҳамроҳи панҷ шарики дигарамон интиқоли озоди маҳсулот, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи кориро дар ҳудуди созмон таъмин менамоем",- таъкид дошт Мишустин.

Мавқеи Михаил Мишустин дар мавриди Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дар ҳолест, ки баъзе аз кишварҳои узви ин созмон изҳори пушаймонӣ мекунанд. Масалан Қирғизистон дар сар фикри тарки ин созмонро дорад, зеро, бинобар сабаби пеш омадани мушкилоти иқтисодию сиёсӣ бо Қазоқистон, қоидаҳои созмон дуруст иҷро намешаванд. Дар ин маврид борҳо намояндагони кишвари Қирғизистон ва коршиносони масоили иқтисодиаш аз шеваи фаъолияти созмон ва бурду бохти он изҳори ташвиш намудаанд.

Аммо тарафдорони пайвастшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодӣ дар дохили кишвар кам нестанд. Бахусус, муҳоҷирон бовар доранд, ки дар сурати узвияти Тоҷикистон дар ин созмон шароити кору зиндагии онҳо дар Русия беҳтар мешавад.

Интизории Душанбе аз Маскав

Ба андешаи инҷониб, умуман музокироти сатҳи баланди ҷонибҳои Русияву Тоҷикистон, аз қабили вохӯриҳои Сарвазири Русия Михаил Мишустин бо Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ, бастаи шартномаҳои ҳамкорӣ, ҳамоиши муштараки соҳибкорон далолат аз мустаҳкам гардидани равобити ду кишвар медиҳад. Махсусан, дар соҳаҳои иқтисод ва илму маориф, ки айни замон натиҷаҳо назаррасанд. Аллакай чандин лоиҳаҳои бузург, аз ҷумла бунёд кардану ба истифода додани НБО-и "Сангтӯда-1", инчунин ба истифода додани 5 мактаби замонавӣ бо тамоми шароити таълим дар Тоҷикистон аз иқдомҳои калидии Русия мебошанд. Албатта, дар инҷо манфиат низ дар мадди аввал меистад. Нерӯгоҳи "Сангтӯда-1" пас аз НБО-и "Норак" ва НБО-и "Роғун" аз нигоҳи тавлиди барқ дар ҷойи сеюм меистад. Он ҳанӯз соли 2008 мавриди истифода қарор гирифтааст, ки 75 фоизи даромадро ҷониби Русия ва ҳамагӣ 25 фоизро Тоҷикистон мегирад.

Тавре маълум, ҳоло дар Тоҷикистон тадбиқи 5-солаи рушди саноат барои солҳои 2022-2026 идома дорад. Тоҷикистон талош дорад, ки ин барномаи бузурги давлатиро амалӣ намуда, самтҳои рушди иҷтимоию иқтисодиро беҳтар гардонад. Ба роҳ мондани ҳамкории муштарак бо ширкатҳои Русия имкон медиҳад, ки ин барнома дар Тоҷикистон босифат анҷом ёбад. Зеро Русия аз нигоҳи иқтисодӣ ва тавлиди маҳсулоти дар бозор рақобатпазир ҳиссаи намоён дорад.

Дар ҳамоиши соҳибкорони ду кишвар низ айён гардид, ки таваҷҷуҳ асосан ба коркарди маҳсулоти саноатӣ равона гардида буд. Акнун Тоҷикистон бо сиёсати дарҳои боз қадами устуворе барои рушди иқтисод мегузорад. Аз ҷониби дигар, Русия мехоҳад мақомашро дар Осиёи Марказӣ аз даст надиҳад. Михаил Мишустин низ барои мустаҳкам кардани робитаҳо бо Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама Тоҷикистонро интихоб кардааст. Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофиаш мақоми махсуси геосиёсӣ дорад.

Усмон РАҲИМЗОДА

PRESSA.TJ

Сарвазири Русия Михаил Мишустинро дар сафари Тоҷикистон ду муовинаш, 7 вазир, 4 губернатор ва даҳҳо роҳбарони ширкатҳои тиҷоратӣ ҳамроҳӣ карданд.

Мавқеъ



Лолаи САИДАКБАР

РӮЗИ МОДАР

Зани деҳотӣ ҳам ниёз ба ғизои маънавӣ дорад...

Чанд сол қабл «Рӯзи озодии занон» бо ташаббуси Сарвари мамлакат ба «Рӯзи модар» табдил ёфт. Вале чун одати дерин дар ин рӯз мардон ба бонувон туҳфае мехаранду шавҳарҳо рӯзи дароз дар ошхона ҷумбуҷул карда, хӯроки бомазза мепазанд...

Шахсан ман ҳатто дар рӯзи модар ҳам дар ошхона хӯрок пухтани мардро хуш надорам ва матбахро «территория»-и худам медонам, шавҳару писарамро намегузорам, ки ба дегу табақам наздик шаванд, ин як. Дувумаш ин ки, наход ид танҳо аз хӯрдану туҳфа қабул кардан иборат бошад?!

Агар рӯзи муқаддаси модар, ки мақоми давлатӣ дораду бо фармони Президент онро қабул намудаанд, воқеан ҳам ИД аст, пас бояд бошукуҳтарин ид бошад! Бисёр мехостам, ки дар ин рӯз беҳтарин ҳунармандони кишвар ба шарафи иди олиҳаи меҳру вафо ва садоқат - МОДАР дар толорҳои калонтарини кишвар модарномаҳонӣ ташкил намоянд ва нархи чипта барои бонувон арзон ва барои занони солортар ройгон бошад. Театрҳо намоишномаҳои беҳтарини худро ҳамон рӯз ба намоиш гузоранду он шоироне, ки дар ашъорашон модарро мадҳу сано мегӯянд, маҳз бо занон вохӯриҳо ташкил намоянд. Хулоса, Рӯзи модар бо шукуҳи хоса таҷлил шавад...

Ҳамаи он чӣ, ки дар боло гуфтам, танҳо ба занони шаҳр дахл надорад, ин ба занони заҳматкаши деҳот, ки ба хотири бою ғанӣ гардонидани дастархони мо шаҳрнишинон меҳнат мекунанд, зиёдтар лозим аст. Зеро ғизои маънавӣ ба бонувони деҳотӣ намерасад. Ҳар гоҳе ба деҳот меравам ва дар суҳбати ин бонувони дилсофу хушсухан мешинам, боз як бори дигар ба он бовар мекунам, ки баланд бардоштани мавқеи зан, ки дар сӣ соли Истиқлоли ватан сухан дар бораи он меравад, ягон зарра ба рӯзгори онҳо рабт надорад. «Мавқеъбаландӣ» танҳо хоси ҳамон занони курсинишин аст, ки то нафақа баромадан чун донаи шоҳмот аз ин хонача ба он хонача интиқолашон медиҳаду халос.

Профессор Аъзамҷон Азимов:

МУШКИЛ ДАР ДОНИШГОҲ НЕ, ДАР МАКТАБИ МИЁНА АСТ!

Солҳои охир соҳибрасонаҳои тоҷик аз норасоии кадрҳои ба талаботи замон ҷавобгӯйи журналистӣ шикоят мекунанд. Дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик бо устоди собиқадори факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Аъзамҷон Азимов доир ба тарбияи кадрҳои журналистӣ ҳамсуҳбат шудем.



Ҷасорати ректор

- Шумо қариб 40 сол аст, ки ба таълиму тарбияи журналистон машғулед. Аз таъсиси факултети журналистика 30 сол сипарӣ мегардад. Дар бораи рӯзҳои аввали таъсисёбии факултет чӣ хотирот доред?

- Хотираҳои банда хеле рангину гуворост, зеро аз оғоз бо ин факултет будаму ҳастам. Солҳои 60-ум дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ шуъба ё факултети журналистика арзи вуҷуд мекард, ба истиснои Тоҷикистон. Кадрҳои журналистии мо асосан дар факултетҳои филологияи тоҷики донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ омода мешуданд. Ҳамчунин, соле 3-4 нафар ба факултети журналистикаи донишгоҳҳои Ленинград (ҳоло Санкт Петербург) ва Москва фиристода мешуданд. Чун эҳтиёҷ ба кадрҳои журналистӣ дар кишвар эҳсос мешуд, ректори ҳамонвақтаи университет академик Солеҳ Раҷабов ва декани факултети филологияи тоҷик профессор Мукаррама Қосимова бо маслиҳат таҳкурсии шуъбаи журналистикаро гузоштанд. Ин кор дар он замон “ҷиноят” буд ва ҷасорати хосаро талаб мекард, зеро шуъба бе иҷозати марказ таъсис ёфта буд. С. Раҷабов, ки ҳувияти баланди миллӣ дошт, онро беиҷозат амалӣ кард. Соли 1966 то соли 1971 довталабон ба ин шуъба дохил шудаву онро бо ихтисоси журналист хатм карданд. Соли 1971 барои мутобиқат накардан ба рӯйхати иҷозатдодаи Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси СССР шуъба баста шуд...

Талоши шуъбасозӣ ё таъсиси факултети журналистика то давраи бозсозии горбачёвӣ расид. Албатта, пеш аз ҳама, профессор Воҳид Асрорӣ ва Иброҳим Усмонов барои аз нав ташкил кардани шуъбаи журналистика талош меварзиданд. Давутоз ва талоши онҳо буд, ки соли 1987 шуъбаи журналистика аз нав таъсис дода шуд.

Вале факултаи журналистика самараи Истиқлоли давлатӣ аст. Бо ташаббуси профессорон Воҳид Асрорӣ ва Иброҳим Усмонов соли 1992 дар заминаи шуъбаҳои журналистика ва тарҷумонии факултети филологияи тоҷик факултети деринтизори журналистика таъсис ёфт. Ва имрӯз факултет 30-сола шуд ва яке аз базаҳои асосии тарбияи кадрҳои журналистӣ аст.

- Нахустин муаллимони шуъба ва факултети журналистикаи донишгоҳ киҳо буданд?

- Аввалин устодон дар шуъбаи журналистика Хоҷабек Зулфиқоров (хатмкардаи факултети журналистикаи УДМ ба номи М. Ломоносов), Абдусаттор Нуралиев (хатмкардаи факултети журналистикаи ДДҚ), И. Отахонов, М. Гавриелов, Ф. Абдураҳимов буданд... Баъдан, А. Саъдуллоев, А. Мавлонов, И. К. Усмонов, У. Гулмуродов, А. Х. Азимов ҷалб шуданд... Баъдан, Д. Давронов, С. Гулов, М. Юсуфов, Х. Қодирова, Т. Аминҷонов, А. Саидов, М. Муродӣ, С. Ҳайдаров, М. Шоев, Ҷ. Муқим, Қ. Шарифзода ва дигарон ба сафи устодон пайвастанд. Ҳоло дар факултаи журналистика устодони соҳибтахассус ва дорои дараҷаҳои илмӣ фаъолият доранд.

Аз ташаббуси Усмонов то кумаки Нуриддин Саид

- Факултети журналистика соҳиби студияи таълимии радиову телевизион аст. Оё донишҷӯён аз он самаранок истифода мебаранд?

- Таърихи ташкили студияи телевизион ҳам ачиб аст. Шуъбаи журналистика соли 1987 ташкил шуду баъди чанде бо ташаббуси Иброҳим Усмонов аз Кумитаи телевизион ва радиошунавонии назди Ҳукумати Тоҷикистон дастгоҳҳои куҳнаи телевизион оварда шуд. Ҳамон вақт Кумита дастгоҳҳои нав ворид карда буд. Масъули студияи телевизиони таълимӣ устодон М. Шоев ва С. Ҳайдаров таъин шуданд. Гоҳ-гоҳ ахбор пахш мешуд. Донишҷӯён дарсҳои амалии худро он ҷо мегузарониданд. Ҳамин тавр мо соҳиби телевизиони таълимӣ шудем... Факултет баркамол мешуду ихтисосҳои гуногуни журналистика таъсис меёфтанд. Талабот ба техникаву технологияи замонавии телевизиониву радио вобаста ба талаботи замон меафзуд. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта, студия бунёд шуд. Собиқ ректори донишгоҳ Нуриддин Саид таҷҳизоти истеҳсоли ҷопониро барои студияи таълимӣ харидорӣ ва онро мутахассисон насб карданд. Баъди чанд муддат студияи радио низ ба фаъолият оғоз кард. Албатта, донишҷӯёне, ки шавқу завқи амалӣ намудани донишҳои назариявии худро доранд, бештару хубтар студияи таълимиро самаранок истифода мекунанд. Сенария менависанд, барнома таҳия мекунанд, ҳатто барномаҳои беҳтарини онҳо, ки бо роҳбарии устодони ботарҷиба таҳия мегардад, мувофиқи шартномаи тарафайн дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» пахш мешавад...

Айб дар ош аст ё дар мош?

- Бисёр вақт шикоят мекунанд, ки хатмкунандагони факултети журналистика ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Дар ин хусус чӣ андеша доред?

- Аслан, ба ин андеша пурра розӣ шуда наметавонам, аммо сабабҳои субективӣ ва объективии чунин шикоятҳоро кушода гуфта метавонам. Дар замони Шӯравӣ хатмкунандагони мактабҳои миёнаро, ки ба шуъба ё факултети журналистика ҳуҷҷат месупориданд, аз конкурс мегузарониданд. Аксар довталабон бо бастаи маводҳои чошудаи худ дар рӯзномаву маҷаллаҳо меомаданд. Сониян, дар атрофи ВАО, ҷаҳонбинӣ, маҳорат, сиёсатдонӣ суҳбат гузаронида мешуд. Баъди ризогии аъзои комиссияи факултетӣ ҳуҷҷатҳои довталабро барои супоридани имтиҳонҳо қабул мекарданд. Нахуст имтиҳоне, ки месупурд, ин иншои озод буд. Ҳамин ва дигар талаботҳоро довталабон ичро мекарданд. Тавре медонед, имрӯз тарзу тариқи қабул тамоман дигар аст... Аз тарафи дигар, дар даврони Шӯравӣ вақте мутахассиси ҷавон ба ҷойи кор мерафт, аз имтиёзҳо бархӯрдор буд. Масалан, дар редаксияҳо ё студияҳо ҷавононро ба мутахассисони варзида барои тарбияи эҷодию маънавӣ вобаста мекарданд ва ин натиҷаи хуб медод. Имрӯз чӣ? Ин гуна анъана аз байн рафта, ВАО, чӣ расмӣ ва чӣ хусусӣ журналисти «тайёр» мехоҳанд. Мо, устодон зимни таҳсилу таълим кӯшиш мекунем, ки донишҷӯёни мо маҳорату малакаи худро дар студияи таълимӣ сайқал диҳанд ва дар бозори меҳнат харидор дошта бошанд.

- Донишҷӯёни имрӯз аз донишҷӯёни 20-30 сол қабл чӣ фарқ доранд?

- Зикр бояд кард, ки донишҷӯ он рӯз ҳам донишҷӯ буд, имрӯз ҳам донишҷӯ бокӣ мондааст. Вале, донишҷӯи имрӯза аз донишҷӯёни солҳои пешин, яъне даврони Шӯравӣ аз замин то осмон фарқ дорад. Қаблан муносибати ҷавонон аз нигоҳи ахлоқу одоб, хондану навиштан, муносибат бо устод, ба касби интихобкарда, ба корҳои ҷамъиятӣ, ба миллат, ба давлат, ба падару модар, ба ҳамдигар хеле самимӣ ва аз таҳти дил буд. Онҳо бештар китоб мехонданд, фаъолона, бо дили гарм дар дарсҳо иштирок мекарданд, ба машғулиятҳои амалӣ ҷиддӣ тайёрӣ медиданд, яъне, хеле бомасъулият буданд. Аксар ҷавонони имрӯза бошанд, қариб китоб намехонанд, масъулиятро дар назди миллат, давлат, ҳатто падару модар ҳис намекунанд. Ба касби интихобкардаашон низ дилгармӣ надоранд. Ҷаҳонбинии сиёсиашон хеле маҳдуд аст. Ҳол он ки, ҷавонони асри бисту якро ҷаҳонбинӣ ва маҳорати сиёсӣ мебояд, чунки онҳо ояндсози миллати моянд.

- Факултети журналистика базаи илмӣ ҳам ҳаст. Солҳои охир теъдоди нафароне, ки дар ин соҳа рисолаҳои илмӣ дифоъ мекунанд, зиёд шудааст. Сатҳу сифати корҳои илмиро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?

- Аслан гирем, бад нест, вале камбудиҳо ҷой доранд. Аксари муҳаққиқони ҷавон кам мутолиа мекунанд, аз сарчашмаҳо кам бохабаранд, ба таҳқиқи ҷиддӣ кам машғул мешаванд. Имрӯз тамоми соҳаҳои журналистика вобаста ба самтҳои илмии кафедраҳо таҳқиқ мешаванд ва дар асоси ҳамин мавзуҳои таҳқиқшаванда ба ҷавонон пешниҳод мегарданд.

- Чӣ монеаҳо барои омода кардани кадрҳои журналистӣ мавҷуданд?

- Аслан гирем, дар факултети журналистикаи ДМТ барои омода кардани кадрҳои журналистӣ ягон монеа нест. Тамоми шароитҳо барои таълим ва эҷод муҳайё аст. Нигоҳ кунед, барои тахассуси матбуот дар назди рӯзномаи «Бақуллаҳои дониш» замимаи он «Пайки қалам» барои донишҷӯёни факултет фаъолият мекунад. Феълан, бо ташаббуси ректори ДМТ Қобилҷон Хушвахтзода тасмим гирифта шуд, ки нашрияи “Қалам” барои донишҷӯёни факултаи журналистика эҳё шавад. Барои тахассуси кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ студияи таълимии телевизион ва радио фаъолият дорад. Ҳамчунин, радиои “Садои Донишгоҳи миллӣ” дар мавҷи 90.5 FM соҳиби эфир аст, ки он 3 ҳазор метри мураббаъро фаро мегирад. Дар факултет ихтисоси ВЕБ-журналистика фаъолият мекунад. Барои ин ихтисос дар интернет сомонаи махсус барои донишҷуён дар саҳифаи фейсбук бо номи «Пайки остон» ташкил шудааст, донишҷӯён эҷоди худро ба табъ мерасонанд...

Яъне ҳама шароитҳо муҳайё аст. Мушкили асосӣ дар он аст, ки таҳкурсии ҷавонони дохилшаванда ба мактабҳои олӣ суст аст. Базаи таълимии онҳо хеле нигаронкунанда аст. Дониши асосӣ дар мактаб бояд ташаккул ёбаду дар донишкадаву донишгоҳҳо тавқият дода шавад. Ба фикрам, он гоҳ мутахассиси варзида ба камол мерасад...

Мусоҳиб:
Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА

▸▸ *Навгонӣ*

МАРҚАДИ БУЗУРГОН ДАР ЧӢ ҲОЛ АСТ?!

Муҳаббату ихлоси хоса нисбат ба шахсияту корномаи як қатор абармардони хизматнишондодаи илму фарҳанги тоҷик сабаб шудааст, ки банда тайи 4 соли охир зиёрати оромгоҳи эшонро ба ҷо меорам. Ин ҳафта низ яке аз оромгоҳҳои пойтахтро зиёрат кардаму ба риққат омадам.


Абдулғанӣ Мирзоев


Марқади А. Мирзоев


Қабри Баҳром Сирус


Қабри Носирҷон Маъсумӣ

Зимни боздид, баъд аз дуо кардану фотиҳа хондан ба арвоҳи бузургон назарам ба марқади академик Абдулғанӣ Мирзоев уфтод, ки дар ҳолати вайрону валангор қарор дошт.

Таърихи начандон дури халқи тоҷик аз хизматҳои шоёни таҳсини академик А. Мирзоев дар рушди илми шарқшиносии тоҷик шаҳодат медиҳад, ки ӯ, бешак, аз тобноктарин ахтар дар самои шарқшиносии мо аст ва дар ин асно гуфтаҳои академик Бобоҷон Ғафуров дар бораи академик Абдулғанӣ Мирзоев пеши назар меояд: "Агар Тоҷикистон ба мисли Абдулғанӣ Мирзоев боз 4 шарқшиноси дигар медошт, шарқшиносии ҷаҳон дар дасти мо мебуд".

Инчунин, мутобиқи далоилу сарчашмаҳо А. Мирзоев таъсисдиҳанда ва ташкилкунандаи Институти шарқшиносии АМИ ҶТ буда, дар ҷамъоварии ҳазорҳо нусхаҳои нодири осори адабиёти классик саҳми бориз дорад, ки то ба ҳол касе ба ҳадди ин марди фозил баробар шуда наметавонад. Дар баробари ин, дар баргардон намудани баъзе аз нусхаҳову ба чоп таҳия намудани аксари девонҳои шоирони пешин даст доштааст... Умуман, хизматҳои илмии ин олими фарҳехтаву фақид на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар кулли кишварҳои собиқ Шӯравӣ ва кишварҳои форсизабон назир надорад.

Аммо садҳо афсӯсу ҳазорҳо дареғ, ки мо имрӯз аз ҳолати марқади эшон фаромӯш кардаем. Санги мазорашон, ки сурати эшон бо баъзе навиштаҷот намедонам дар замони Шӯравӣ гузошта шуда буд, ҳамакнун на сурат намудор асту на он катиба. Аз таъсири гармову сармову боришот ва ахлоти парандагон чизе намудор нест. Гирди қабр, ки бо панҷараи хурде даврабандӣ шудааст, занг зада, баъзе ҷояш шикаста афтодааст. Болои қаброро бошад, алафҳои гуногун чунон пахш карда гирифтаанд, ки аз диданаш беихтиёр инсони огоҳро гиря гулӯгир мекунад. Дар бораи роҳаш сухан кардан ҳам ҷойи ҳоҷат нест...

Беҳад таъсирбахш аст, беҳад...!

Дар қатори қабри А. Мирзоев марқади дигар олимон низ, ба монанди Баҳром Сирус, Носирҷон Маъсумӣ, Ибодулло Нарзикулов ва даҳҳои дигар аз ин бадтаранду беҳтар не!

Наход мо то ҳамин андоза аз вазъи қубури олимонамон бехабар монда бошем?! Чаро аҳли зиёи мо инҳоро нодида мегиранд? Чаро дар бораи ин гуна масъалаҳои доғи рӯз ҳарфе намегӯянд?

Аз шармӣ зиёд шахсан худам ба поккории турбати ин мардони фозил даст зада, алафҳои хушкшударо чида партофтам.

Аз муассисаҳои идоравӣ хоҳиши зиёд карда мешавад, ки сари ин масъала сар ба ҷайби тафаккур ниҳода, чорае биандешанд. Шармӣ кас меояд, ки хориҷиён ба зиёрат оянду ин ҳоли табоҳи моро бинанд.

Бахтовар ТЕМИРЗОДА,
муаррих

▸▸ *Мушкилот*

БЕШ АЗ 2 МЛН СОМОНӢ БАРОИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН ДАР ПОЙТАХТ

Соли равон дар шаҳри Душанбе барои баргузории озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ду миллиону чорсаду шасту ҳафт ҳазору чорсад сомонӣ ҷудо мегардад.

Дар ин бора қарори раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба тасвиб расидааст. Тибқи қарори мазкур, ҳайати комиссия ва ҷоизаҳои озмуни мазкур тасдиқ гардида, масъулини соҳа вазифадор шудаанд, ки баҳри дар сатҳи баланд доир намудани озмун тадбирҳои зарурӣ андешанд. Соли равон ба Низомномаи озмун якчанд тағйиру навгониҳо ворид гардида, он аз рӯйи 6 номинатсия баргузор карда мешавад.



▸▸ *Навгонӣ*

ЯРМАРКАИ МАҲСУЛОТИ АРЗОН ПЕШ АЗ НАВРӮЗ

Дар шаҳри Душанбе пеш аз ҷашни Наврӯз ярмаркаи маҳсулоти мавриди ниёзи аввал бо нархҳои нисбатан арзон ташкил карда мешавад.

Бино ба иттилои мақомоти шаҳри Душанбе, кори ярмаркаҳо аз 16-уми март оғоз гардида, то 20-уми март идома меёбад. Ярмаркаҳо дар даромадгоҳи бозорҳои "Меҳргон", "Саховат", назди бинои МИҲД-и ноҳияи Сино (Қарияи Боло) ва боғи "Куруши Кабир" ташкил карда мешаванд.

Сокинон имкон доранд, ки дар ин ярмаркаҳо бо нархҳои нисбатан арзонтар аз бозор гӯшту орд, равған, шакар, сабзавот ва дигар анвои хӯрданӣ дастрас намоянд.

Инчунин, дар пойтахт чун анъана 15 ярмаркаи маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла дар бозорҳои "Деҳқон", "Яккачинор", маҳаллаи Испечак-2 (назди масҷиди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), маҳаллаи 104-ум, дар кӯчаи Маяковскийи маҳаллаи 32-юм амал мекунанд.

Нархҳо дар ин ярмаркаҳо нисбатан арзону дастрасанд. Аз ҷумла, дар ин ҷо 1 халта орд 265 сомонӣ, 1 кило картошка 3,8 сомонӣ, 1 кило пиёз 4 - 6 сомонӣ, 1 кило сабзӣ 2 сомонӣ, 1 кило гӯшти гов 55 сомонӣ, 5 литр равғани растанӣ 90 сомонӣ, 1 кило шакар 8 - 9 сомонӣ нарх доранд.



▸▸ *Мушкилот*



Ширкати ҳавопаймоии "Сомон Эйр" аз ифтитоҳи парвозҳои мустақими доимӣ дар масири Душанбе-Ҷидда-Душанбе ва Хуҷанд-Ҷидда-Хуҷанд хабар медиҳад.

РОҲИ ҲАҶ НАЗДИК ШУД

Ин хатсайр парвози зоирони тоҷикро барои адои Ҳаҷ наздик мекунад. Зеро то ин дам зоирон тариқи Истамбул ба зиёрати Макка мерафтанд.

Ба иттилои манбаъ, аз 9-уми март парвозҳо аз Душанбе ба Ҷидда ҳар ҳафта рӯзҳои панҷшанбе ва якшанбе анҷом мешаванд.

"Вақти парвоз рӯзҳои панҷшанбе аз Душанбе - соати 14:30, аз Ҷидда - 19:30, рӯзи якшанбе аз Душанбе - 22:30, аз Ҷидда - 04:00 аллакай субҳи душанбе ба вақти маҳаллӣ муқаррар шудааст",- омадааст дар иттилоия.

Тавзеҳ дода шудааст, ки рӯзи сешанбе ҳавопаймоҳо аз Хуҷанд ба Ҷидда парвоз мекунанд. Вақти парвоз аз Хуҷанд - соати 21:00 ва бозгашт соати 02:00-и шаби чоршанбе мушаххас шудааст.

Дар мавриди он, ки парвоз чӣ қадар тӯл хоҳад кашид, тавзеҳ дода шудааст, ки вақти парвоз аз Тоҷикистон 5 соату 15 дақиқа, дар бозгашт 4 соату 30 дақиқа хоҳад буд.

Ширкати ҳавопаймоии "Сомон Эйр" дар ҳоли ҳозир ягона ширкати фаъоли ватанӣ дар кишвар маҳсуб меёбад, ки дар масирҳои байналмилалию дохилӣ парвозҳо анҷом медиҳад.

8 март - Рӯзи модар

АЗ МАРДОНИ ЗЕРИ ФАРАНҶӢ ТО БУРИДАНИ НАРАНГУШТ

Руҳи модар дар ғами ҷигарбанд



Зан назди харобаҳои зилзилаи даҳшатбори Туркия омад. Ӯ ба наҷотдиҳандагон гуфт, ки экскаторро аз кор бозоранд. Баъд ба онҳо чоеро нишон дода, фаҳмонд, ки фарзандонаш инҷо зери харобаанд. Гурӯҳи наҷотдиҳӣ баъди лаҳзае фарзандони ӯро зинда, аз ҳамон ҷое, ки нишон дода буд, берун оварданд. Яке аз наҷотдиҳандагон хост муждаи зинда будани фарзандонро ба модар расонад, вале аз ӯ дарак набуд. Баъдан, фарзанди 15-солаи зан ба наҷотдиҳандагон гуфт, ки модараш 4 сол қабл чашм аз олам пӯшидааст:

Сахт кафшер аст
меҳри модарҷон,
Бар тану ҷони
ҷумла фарзандаш,
Қудрataш бин, ки
баъди марги худ
Мехӯрад ғам
барои пайвандаш.

Мардони зери фаранҷӣ



Туарегҳо дар олам шояд ягона қабилае бошанд, ки ҳуқуқи занон ба ҳадде боло аст, ки мардонро зери фаранҷӣ кардаанд. Ин қабилае, ки дар он модаршоҳӣ ҳукмфармост, дар Алжири Ҷанубӣ, шимоли Мали ва Нигерия умр ба сар мебаранд. Онҳо дорои расму оини аҷибанд. Мардҳои ин қавм вазифадоранд, ки чеҳраи худро доимӣ пинҳон доранд. Ҳангоми ба балоғат расидан марди туарег аз падар шамшер ва сарпӯш мегирад. Ин мардҳо танҳо дар назди ҳамсарашон иҷозати кушодани рӯйро доранд. Агар ногаҳон номаҳраме рӯи туарегро бубинад, худро ба қатл мерасонад ва ё ӯро эъдом мекунанд. Дар ин қабила ҳуқуқи занҳо аз ҳуқуқи мардҳо хеле болост. Ҳатто занҳо ҳуқуқи доштани якчанд шавҳарро доранд. Тамоми молу мулки хона ба занҳо тааллуқ дорад...

Набарди модар бо ҳайвони ваҳшӣ



Муборизаи сокини Калифорнияи ИМА бо гурбаи ваҳшии бузургҷусса барои наҷоти писари панҷсолааш расонаҳои ҷаҳонро ба ларза овард. Воқеа дар шаҳри Калабасас рух додааст. Ҳангоми дар саҳни ҳавлӣ бозӣ кардани писарча гурбаи ёбоӣ ӯро дошта, ба масофаи 40 метр кашола мекунад. Модар гиряи кӯдакашро шунида, аз хона баромада, аз қафои гурба медавад. Зани нозукпайкар гурбаро лагадкӯб карда, ҷигарбандашро аз марг раҳо мекунад. Расонаҳои ИМА ин модарро қаҳрамон унвон карданд.

Бонуи бонуфузтарини асри XX



Габриел Бонер Шанел, ки соли 1883 дар шаҳри Сомури Фаронса чашм ба олами ҳастӣ кушодааст, дар синни 12-солагӣ аз модар ҷудо мешавад. Падар ӯро ба ятимхонаи католикӣ месупорад. Дар он ҷо ӯ ҳунарҳои зиёдеро аз бар мекунад. Сурудхонӣ, дӯзандагӣ, тайёр кардани атриёт аз қабили ҳунарҳоест, ки ин бону бо маҳорати олӣ ичро мекард. Аввалин офаридаи Шанел атре буд, ки номашро вирди забонҳо кард. Офаридаи дигари Шанел - кӯлоҳи минималистӣ дили мӯдпарастони Парижро тасхир намуд. Сали 1931 ӯ ба Ҳолливуд рафт, то ситораҳои бузурги синаморо ороиш диҳад. Пас аз 20 сол Амрико ин бонуи ҳунарро ҳамчун бонуфзтарин тарроҳи асри XX эътироф намуд. Ӯ дар синни 87-солагӣ, соли 1971 дар Фаронса аз сактаи дил оламро падруд гуфт.

Дӯст медорӣ, ангуштатро бур!



Дар байни қабилаи Инии Гвинея одате ҳаст, ки домод ҳангоми хонадоршавӣ калонтарин ангушти даст - нарангушташро бурида, ба арӯс тақдим мекунад. Ин амал бо табар ё асбоби дамаш тез иҷро карда мешавад. Инро нишонаи муҳаббати самимӣ ба зан меҳисобанд. Аҷибаш боз он аст, ки дастархони базми навхонадоронро бо хукҳои бирён оро дода, шохи хукҳои ёбоиро ба бинии домоду арӯс овезон мекунанд. Ҳангоми фавти шавҳар зан чун нишони садоқат ба мард бояд ангуштонашро бурад ва онҳоро якҷоя бо майит ба хок супорад.

Таҳияи
Иззатбек ИДИЗОДА

Таърих

ҶАШНИ ЗАНҲО ДАР АҲДИ ҚАДИМ

Иди занҳо таърихи тӯлонӣ дорад. Спандармадгон номи ҷашнест, ки дар рӯзҳои панҷуми ҳар моҳ ва моҳи охирини сол Спандармад (Исфанд) - аз 20-уми феврал то 20-уми март баргузор мешуд.

Бо пешниҳоди нахустин устоди авастошинос Пури Довуд дар Эрони асри XX барои зинда кардани ин ҷашн ин рӯз бо номи «Рӯзи парастор» эълон шуда, ҳамасола ҷашнҳову маросимҳое барои бузургдошти парасторон ва бузургдошт аз кӯшишҳои онон баргузор мешуд ва нишастҳои ин ҷашнро бо бедмушк - гули вижаи Амшоспандбону Спандармад меоростанд.

Абурайҳони Берунӣ менависад, ки ин ҷашн вижаи занон будааст ва дар он аз шавҳари хеш ҳадя дарёфт мекардаанд ва аз ин рӯ, онро ҷашни муздгирон мехондаанд.

Ҷумъа ҚУДДУС

Ба таваҷҷуҳи Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон

ГУРӮҲҲОИ САЙЁР БАРОИ ИВАЗНАМОИИ ШИНОСНОМА

Инак бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми феврал муҳлати бақайдгирии симкортҳое, ки бо шиносномаи намунаи то сели 2014 харида шудаанд, ба муҳлати 1 сол, яъне то 15-уми феврали соли 2024 тамдид карда шуд.

Ин боз як бори дигар ғамхории Сарвари давлатро ба мардуми кишвар нишон дод. Тибқи гузориши Хадамоти алоқаи ҷумҳурӣ то имрӯз бештар аз 2,5 миллион симкортҳо вучуд доранд, ки аз нав ба қайд гирифта нашудаанд ва аз ин шумора 800 ҳазор муштариёни фаъол мебошанд. Яъне зарур меояд, ки 800 ҳазор шиносномаи дигар иваз карда шавад, то ҳамаи симкортҳо бо шиносномаи нави соли 2014 аз нав ба қайд гирифта шаванд.

Ба назар чунин мерасад, ки новобаста ба тамдид кардани муҳлати азнавбақайдгирӣ, ширкатҳо хизматрасонии симкортҳои аз нав ба қайд нагирифтаро қатъ карда истодаанд. Ба назари мо қатъи хизматрасонии симкортҳо, ки алъон идома дорад, роҳи ҳалли масъала нест. Аз гузориши ВАО маълум шуд, ки аксари симкортҳои боқимонда ба номи шахсоне ба расмият дароварда шудаанд, ки аз 60 болоянд. Шояд аксари онҳо имконияти рафтан ба нуқтаҳои шиносномадиҳиро, ки дур аз деҳаҳо қарор доранд, надошта бошанд. Бинобар ин, ба Вазортаи корҳои дохилӣ пешниҳод мекунем, ки гурӯҳҳои махсуси сайёр ташкил карда, иваз кардани шиносномаҳоро дар тамоми манотиқи кишвар, яъне берун аз шаҳрҳо, дар маркази ҷамоатҳо ва деҳаҳо ба роҳ монанд.

Боварӣ дорем, дар сурати амалӣ намудани чунин иқдом, дар муҳлати муқарраршуда, ҳамаи шиносномаҳои боқимонда иваз карда хоҳанд шуд ва зарурият барои дароз кардани муҳлати азнавбақайдгирии симкортҳо бо шиносномаҳои намунаи соли 2014 дигар боқӣ намемонад.

Шаҳбози СОБИР

Миннатдорӣ

ЯК ШАРҲ ВАЗИРИ МАОРИФРО БА ПАНҶ БУРД...



Дар як сомонаи иҷтимоӣ хабареро дар бораи сафари вазири маориф ва илми кишвар Саидзода Раҳим Ҳамро ба яке аз ноҳияҳо хондаму зери хабар шарҳ навиштам: "Кош вазири муҳтарам ба мактаби №27-и ноҳияи Панҷ низ мерафтанд...".

Гап дар сари он ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27-и ноҳияи Панҷ, ки дар зодгоҳи ман - деҳаи Наврӯзи ҷамоати Озодагони ноҳияи Панҷ воқеъ аст, хеле фарсуда шудааст. Аҳолии деҳа ҳам зиёд шуда истодаасту мактабе, ки солҳои шасти асри пор сохта шуда буд, дигар наметавонад ҳамаро ба таҳсил фаро гирад. Баъдтар дар атрофи он синфхонаҳои иловагӣ сохтанд, ки каме мушкили омӯзгорону хонандагонро осонтар кард. Бо дастгирии аҳолӣ барои мактаббачаҳо толори варзишӣ низ сохта шуд... Ёд дорам, солҳои пеш омӯзгорон аз ноҳия ва атрофи он ба кор меомаданд, имрӯз бошад, аксарияти омӯзгорон аз ҳамин деҳа ва кадрҳои ҷавонанд.

Пас аз чанд рӯзи шарҳ навиштанам яке аз муаллимони собиқадорамон Абдуқодир Олимов занг зада гуфтанд, ки "вазири маориф ба мактабамон омаданд, мизу курсӣ оварданд, ту матлабе навишта будӣ дар бораи мактаб?!". Ҳеҷ боварам намеомад.

Нағз медонем, ки пинаки баъзе мансабдоронро матлабҳои танқидии давомдор низ вайрон намекунанд. Ба хотири як ҷумла шарҳ ба ноҳияи дурдасте сафар намудан ин кори нафарест, ки рисолати бар дӯш доштаашро мардона ичро мекунад. Тӯли солҳои зиёди мавҷудияти мактаби мо ба он ҷо рафтани вазири маориф ва илми кишвар бесобиқа аст. Сухбати гарму самимии муҳтарам Саидзода Раҳим Ҳамро бо омӯзгорон ва хонандагони мактаб то ҳол вирди забони мардум аст. Хуб медонам, ки ин ҳама аз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат сарчашма мегирад, ки дар ҳар суханрониашон таъкид мекунанд: "Ман дар сиёсати худ маорифро дар ҷойи аввал мегузорам".

Лолаи САИДАКБАР

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Таъмингари соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар бо мутахассисон



Амонзода Илҳом Темур, ректори ДТТ

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 1990 таъсис ёфта, аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон барои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар - саноати сабук ва хӯрокворӣ мутахассисони маълумоти олӣ доштаро, ки то даврони Истиқлол дар хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, таъмин намуд.

Донишгоҳ дар тӯли фаъолият барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 15000 нафар мутахассисони рақобатпазирро тайёр намудааст ва ҳоло онҳо дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар фаъолият бурда истодаанд.

Донишгоҳ барои ташкили босамари ҷараёни таълим ва дар сатҳи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисон дорои потенсиали баланди илмӣ-педагогӣ, пойгоҳи васеи моддию техникӣ мебошад. Зиёда аз 90 синфхонаҳо бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар ҷараёни таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ зиёда аз 900 компютерҳо ва 24 синфхонаҳои компютерӣ, зиёда аз 30 озмоишгоҳҳои тахассусӣ мавриди истифода қарор доранд. Донишгоҳ бо хати оптикӣ ба шабакаи Интернет пайваст мебошад. Мавҷудияти академияи маҳаллии Cisco имконият медиҳад, ки донишҷӯён дар курсҳои сертификатсионии Cisco иштирок варзанд ва соҳиби сетртификати дараҷаи байналмилалии мутахассиси ин ширкат гарданд.

Мавҷудияти озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳад, ки мутахассисон баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат тайёр бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Донишҷӯён дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ ҷалб карда мешаванд.



Донишҷӯён дар Марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн иштирок варзида, маҳорати касбии худро метавонанд сайқал диҳанд. Донишҷуёни дилхоҳ факултетҳо дар ин марказҳои ҳунаромӯзӣ иштирок варзида, нозукиҳои дӯхтани либос, зардӯзӣ, расмкашию нақшбандӣ дар армуғонҳоро аз худ менамоянд. Инчунин, дар донишгоҳ аз рӯйи 21 ихтисос курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ-сертификатсионӣ амал менамоянд.

Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 138 таълимгоҳҳои олии хориҷи кишвар ҳамкорӣ дорад. Мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват карда шуда, аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷуён дарс медиҳанд. Донишгоҳ ҳар сол дар доираи барномаҳои байналмилалии ЭРАСМУС+, GIZ соҳиби чандин грантҳо мегардад, ки онҳо ба кормандон ва донишҷӯён барои дар хориҷи кишвар таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ намудан имкониятҳои васеъро фароҳам меоранд. Дар назди Факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар асоси низомномаи факултет дар назар дошта шудааст, ки донишҷуён ду соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, имконияти давом додани таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорусро доранд.

Донишгоҳ аз рӯйи 49 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 36 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 8 самти илмӣ докторантура, аз рӯи ихтисос PhD мутахассис тайёр мекунад. Бо қарори Шӯрои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 28-уми феврали соли 2020, №49 ду барномаи таълимии донишгоҳ бо муҳлати 5 сол ва барои як барномаи таълимӣ ба муҳлати 3 сол соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.

Шуруъ аз соли таҳсили 2022-2023 дар Донишгоҳ ихтисоси нав - интеллекти сунъӣ таъсис дода шудааст, ки мутахассисонро мутобиқи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ омода менамояд.

Дар раванди автоматикунонии фаъолияти донишгоҳ дар китобхона барномаи ба таври автоматӣ баҳисобгирии захираи китобҳо, дархости автоматии китобҳо ба роҳ монда шуда, инчунин китобхонаи электронии донишгоҳ бо истифода аз 30 адад компютер ташкил карда шудааст. Инчунин, як толори ташкили онлайн-дарсҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки бо ҷалби олимони донишгоҳҳои хориҷи кишвар дарсҳо гузаронида мешаванд.

Соли 2022 дар донишгоҳ Маркази забономӯзии Донишкадаи шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея бо синфхонаи муосири лингофонӣ кори худро ифтитоҳ бахшид, ки дар он курсҳои забономӯзии куриёгӣ бо ҷалби устодон аз Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешаванд.

НОМГӮИ ИХТИСОСҲО ВА НАРХИ ТАҲСИЛИ ЯК ДОНИШҶӮ БАРОИ ШУЪБАҲОИ РӮЗОНА ВА ФОСИЛАВӢ – ҒОИБОНА БАРОИ ҚАБУЛИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

ИХТИСОСҲО ВА ТАХАССУСҲО		Шакли таҳсил	Маблағи таҳсил, сомонӣ	Рақами кластер
ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ - ТЕХНОЛОГӢ				
154010105	Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хурокворӣ)	Рӯзона	4650	1
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
1360901	Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока	Рӯзона	4470	1
1-490101	Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизой	Рӯзона	4470	1
1-49010201	Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	Рӯзона	4470	1
1-49010202	Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ	Рӯзона	4470	1
1-910101	Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ	Рӯзона	4470	1
ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН				
1-1901010202	Дизайни интерер	Рӯзона	5280	3
1-19010105	Дизайн (костюм ва газвор)	Рӯзона	5280	3
1-50010107	Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ	Рӯзона	4470	1
1-50 01 01 08	Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти наҳҳои табиӣ	Рӯзона	4650	1
1-500102	Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ	Рӯзона	4470	1
154010104	Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук)	Рӯзона	4650	1
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИНТЕЛЛЕКТИ СУНЪӢ				
1-40010101	Системаҳои компютерӣ ва интернет - технологияҳо	Рӯзона	5280	1
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
1-40010102	Системаҳои автоматикунонидашуда	Рӯзона	5280	1
1-40010103	Системаҳои компютерии бонкӣ	Рӯзона	5280	1
1-40 01 01 04	Системаҳои таъмини бехатарии маълумот	Рӯзона	5280	1
1-40 01 01 07	Таъмини математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматонӣ	Рӯзона	5280	1
1-40 01 01 08	Муҳандисии барномавӣ	Рӯзона	5280	1
1-40010202	Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)	Рӯзона	5280	2
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
1-40 03 01	Интеллекти сунъӣ	Рӯзона	5280	1
ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ				
1-0801010701	Таълимоти касбӣ (информатика)	Рӯзона	4650	1
1-08010110(01)	Таълимоти касбӣ (дизайн)	Рӯзона	4470	3
1-450103	Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ	Рӯзона	5280	1

ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ				
1-25010201	Иқтисодиёти таҳлилӣ	Рӯзона	5280	2
1-250104	Молия ва қарз	Рӯзона	5280	2
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
1-250107	Иқтисодиёт ва идора дар корхона	Рӯзона	5280	2
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
1-25010107	Идораи лоиҳаҳо	Рӯзона	5280	2
1-25011024	Таъмини иттилоотии бизнес	Рӯзона	5280	1
1-25010805	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат	Рӯзона	5280	2
ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ				
1-250103	Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	Рӯзона	5280	2
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
1-26020305	Маркетинги байналмилалӣ	Рӯзона	5280	2
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
1-25010304	Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ	Рӯзона	5280	2
1-26020202	Менеҷменти байналмилалӣ	Рӯзона	5280	2
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
1-26020208	Менеҷменти инвеститсионӣ	Рӯзона	5280	2
		Фосилавӣ - ғоибона	4100	
ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛОТСКИ ҶУМҲУРИИ БЕЛОРУС ВА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН*				
1-360701*	Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти кимиёвӣ ва корхонаҳои масолеҳҳои сохтмонӣ	Рӯзона	5300	1
1-700501*	Лоиҳакашӣ, иншоот ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт	Рӯзона	5300	1

** - донишҷӯён ду соли аввалро дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва се соли боқимондаи таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорус идома медиҳанд.*

ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ! Хоҳишмандем ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.

СУРОҒАИ МО: Ш.ДУШАНБЕ, КӮЧАИ Н.ҚАРОБОЕВ 63/3
ТЕЛ. (+992 37) 234-79-88 / 234-79-90
СУРОҒАИ ЭЛЕКТРОНӢ: RECTORAT-TUT@MAIL.RU
САҲИФАИ ИНТЕРНЕТ: WWW.TUT.TJ

ҶАЙҲУН БУНЁДИ БЕШ АЗ 500



Одиназода Абдулҳафиз Абдусаттор, раиси ноҳияи Ҷайҳун

Дар ноҳияи Ҷайҳун ба хотири истиқболи шоиста аз 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони беш аз 500 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Танҳо дар соли 2022 дар баробари ифтитоҳи иншооти гуногун, панҷ корхонаи истеҳсолӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.



Ҳайдарзода Зикрулло, муовини аввали раиси ноҳияи Ҷайҳун



Сабурзода Насим, муовини раиси ноҳияи Ҷайҳун



Бахтдавлатзода Гулбаҳор, муовини раиси ноҳияи Ҷайҳун



Маҳмуродзода Ҷамшед, муовини раиси ноҳияи Ҷайҳун



Шарифзода Саидҷаъфар, раиси Кумитаи идораи замин дар ноҳияи Ҷайҳун



Иҷрои ҳатмии дастуру супоришҳо

Давоми соли 2022 дар доираи чорабиниҳо бахшида ба эълон гардидани солҳои 2021-2026 “Солҳои рушди саноат” ва баҳри истиқбол намудани шоиста аз 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон корҳои ободонию созандагӣ вусъати тоза гирифтаанд.

Бино ба иттилои раиси ноҳияи Ҷайҳун Абдулҳафиз Одиназода, феълан дар ноҳия нақшаи чорабиниҳо таҳия гардидааст, ки аз 222 банд иборат мебошад. Дар мувофиқа бо тамоми сохторҳои марбута сохтмони 504 иншооти гуногун дар нақша аст.

Иҷрои буҷет

Ба 1-уми январи соли 2023 шумораи андозсупорандагон 5 ҳазору 515 адад буда, 354 адад шахсони ҳуқуқӣ, 5 ҳазору 161 соҳибкорони инфиродӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд - 190 нафар, соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда - 824 нафар ва хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахсони ҳуқуқӣ - 4 ҳазору 147 адад мебошанд.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳияи Ҷайҳун бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 105,4 дарсад иҷро гардидааст. Аз 53 миллион сомонии нақшавӣ ба буҷет 55 миллиону 800 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 2 миллиону 800 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷайҳун барои солҳои 2021-2025 бо 131 лоиҳа ба маблағи беш аз 133 миллион сомонӣ таҳия гардидааст. Аз ҷумла, дар соҳаи иқтисодӣ 70 лоиҳа ба маблағи 94 миллиону 400 ҳазор сомонӣ, иҷтимоӣ - 28 лоиҳа ба маблағи 26 миллиону 700 ҳазор сомонӣ ва инфрасохтор - 33 лоиҳа ба маблағи 12 миллиону 100 ҳазор сомонӣ мебошад. Дар ёздаҳ моҳи соли 2022-юм 51 лоиҳа ба маблағи 37 миллиону 300 ҳазор сомонӣ иҷро гардидааст, ки беш аз 28 дарсади барномаи мавриди назарро ташкил мекунад. Бояд гуфт, ки боз 37 лоиҳаи дигар мавриди амал қарор доранд.

Татбиқи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷайҳун барои солҳои 2021-2025 бомаром идома дорад. Тӯли ин муддат 10 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 11 миллион доллари амрикоӣ маблағгузорӣ шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 2 лоиҳа ба маблағи 1 миллиону 600 ҳазор доллар зиёд мебошад.

Дар ин давра зиёда аз 5 миллиону 630 ҳазор сомонӣ сармояи дохилӣ ҷалб шудааст, ки аз ин ҳисоб 3 Маркази савдо, 1 коргоҳи истеҳсоли дору тиреза, 1 дорухонаи тиббӣ, 1 филиали “Амонатбонк”, 1 ошхона ва меҳмонхона, 1 фермаи чорвопарварӣ, 1 бунгоҳи саломатӣ, 1 коргоҳи коркарди шолӣ, 1 осиёби ордбарорӣ ва 12 синфхонаи иловагӣ сохта ба истифода дода шудааст. Ҳамчунин, аз ҳамин ҳисоб наздики 5 километр роҳи мошингард таъмири асосӣ карда шудааст.

Рушди соҳаи саноат

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 129 миллион 300 ҳазор сомонӣ расонида шуда, нисбати ҳамин давраи соли 2021-ум 23 миллиону 900 ҳазор сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш беш аз 122 дарсадро ташкил додааст.

Дар ин давра ҳаҷми истихроҷи нафт 7 ҳазору 961 тонна (100,8%), истеҳсоли битум 3070,8 тонна (100,1%), мазут 1568 тонна (106,7%), бензин 231,6 тонна, шланги ПВХ 24,5 миллион метри тӯлонӣ (224,5%), пластикаи филизӣ 1260,5 метри мураббаъ (100,2%), орд 10233,3 тонна

ИНШООТРО БА НАҚША ГИРИФТААСТ



(110,4%), нон ва маҳсулоти нонӣ 1581,4 тонна (111,4%), гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 1045,4 тонна (100,1%), консерваҳо 1334,0 ҳазор қуттии шартӣ (103,6%), маҳсулоти макаронӣ 3,9 тонна (170,3%), маҳсулоти қаннодӣ 3,8 тонна (100,0%), нахи пахта 223,5 тонна (144,9,%), чигити пахта 366,1 (144,4), биринҷ 221,1 тонна (190,3%), либоси мактабӣ 81148 дона (17,5 маротиба зиёд), хишти хом 289,0 ҳазор дона (100,5 %), хишти сементӣ 483,2 ҳазор дона (101,0%), истеҳсоли электроскутер ба 95,0 адад расонида шудааст.

Ифтитоҳи панҷ корхона дар як сол

Соли 2022 дар ноҳияи Ҷайҳун 5 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шудааст, ки ин 125 дарсади нақшаро ташкил мекунад. Аз ҷумла, ҶДММ “Тоҷикистон Тахор пластик” (истеҳсоли қуттиҳои пластикӣ барои меваҷот), ҶДММ “Технологияҳои офтобӣ” (истеҳсоли электроскутерҳо, аккумуляторҳо ва панелҳои офтобӣ), ҶДММ “Нури Саид” (коркарди пахтаи хом), ҶДММ “Халил Икром” (истеҳсоли деворҳои бетонӣ) ва ҶДММ “Рононда - асри XXI” (истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ) мебошанд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ин корхонаҳо ҳашт миллион сомониро ташкил додааст.

Нақлиёт ва роҳсозӣ

Масофаи умумии роҳҳои ноҳияи Ҷайҳун зиёда аз 255 километрро ташкил медиҳад, ки 65, 8 километри он роҳҳои аҳамияти байналмилалӣ, 8,4 километр роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта ва 181 километр роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ мебошанд.

Дар соли сипаришуда барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо 244 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, аз он барои таъмири ҷории роҳҳо беш аз 100 ҳазор сомонӣ, барои таъмири асосӣ 84,4 ҳазор сомонӣ, барои таъмири пулу қубурҳо 30,7 ҳазор сомонӣ ва барои кабудизоркуниву зимистонгузаронӣ 28,3 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Аз ҳисоби соҳибкорон дар давраи ҳисоботӣ се пул бо дарозии 16-метр бо харҷи 65 ҳазор сомонӣ, шағалпушкунӣ 48,6 километр ба маблағи 334,5 ҳазор сомонӣ ва таъмири ҷорӣ 14,5 километр ба маблағи 160 ҳазор сомонӣ, таъмири роҳи асфалтпӯш 2,7 километр ба маблағи 633 ҳазор сомонӣ ва таъмири қубур - 1 адад бо дарозии 7 метр ба маблағи 1, 5 ҳазор сомонӣ корҳо ичро шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми боркашонӣ ба 1 ҳазору 780 тонна (122,8 фоиз) ва мусофиркашонӣ бошад, ба 2270 нафар (137 фоиз) расонида шудааст.

Соҳаи кишоварзӣ

Дар ноҳияи Ҷайҳун 4 ҳазору 171 заминистифодабаранда ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин хоҷагиҳои деҳқонӣ 4 ҳазору 147 адад ва корхонаҳои кишоварзӣ 24 адад мебошад.

Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи ҳисоботӣ 2 миллиарду 41 миллион сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 185 миллиону 800 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар баробари ин, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти соҳаи растанпаварӣ 107,9 фоиз ва чорводорӣ 129,3 фоизро ташкил додааст.

Дар давраи ҳисоботӣ киштӣ пахта ба 7200 гектар, ғалладонагӣ ба 6304, аз он гандум 4540,0 га ва ҷуворимаккаи барои дон 1266,0 га, сабзавот ба 4337 гектар, аз он пиёз 3400 гектар, картошка 525 гектар, полезӣ 2080 гектар, шолӣ 306 гектар, зироати хӯроки чорво 3065 гектар ва бунёди боғҳои нав ба 20 гектар расонида шудааст.

Дар ин давра саршумори чорвои калон ба 41 ҳазору 498 сар, аз он ҷумла модагов ба 17 ҳазору 811 сар, моли майда ба 62 ҳазору 790 сар, саршумори асп ба 1580 сар, паранда ба 63 ҳазору 388 сар, оилаи занбӯри асал ба 1340 оила ва харгӯш ба 1290 сар расонида шудааст.

Беҳтарсозии шароити таълим

Дар ноҳияи Ҷайҳун 3 муассисаи томактабӣ, 44 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 1 гимназияи давлатӣ ва 3 марказ, аз ҷумла Маркази таҳсилоти иловагӣ, Маркази рушди истеъдодҳо ва Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия фаъолият менамоянд. Феълан 1 ҳазору 530 омӯзгор ба таълиму тарбияи 36 ҳазору 432 хонанда машғул мебошанд.

Инчунин, дар ноҳия баҳри касбомӯзӣ 1 муассисаи давлатии таълимии “Литсейи касбии техникӣ” ва баҳри таълими касби омӯзгорӣ 1 муассисаи ғайридавлатии «Коллеҷи омӯзгорӣ-муҳандисӣ» фаъолият мекунад, ки дар онҳо 35 омӯзгору устои таълимӣ ба 454 нафар донишҷӯ касбу хунар меомӯзонанд.

Дар 3 муассисаи томактабӣ 300 кӯдак дар 16 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, дар назди 20 муассисаи таълимӣ 380 кӯдаки синни 5-6-сола ба маркази инкишофи кӯдак ҷалб шудаанд.

Бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар давраи ҳисоботӣ дар назди 2 муассисаи таълимӣ 16 синфхонаи иловагӣ бо фарогирии 384 ҷойи нишасти хонанда дар як баст мавриди истифода қарор дода шудааст. Ҳамчунин, дар назди 15 муассисаи таълимӣ сохтмони кам не, 92 синфхонаи иловагӣ рафта истодааст, ки баъди ба охир расидани корҳои сохтмонӣ беш аз 2 ҳазору 200 ҷойи нишаст ташкил мешавад.

Сохтмони бинои шуъбаи маориф ва таъмиру азнавсозии муассисаи томактабии “Офтобак” бошад, идома дорад.

Соҳаи тандурустӣ

Дар ноҳия 68 муассисаи тиббӣ, аз ҷумла 1 беморхонаи марказӣ, 1 беморхонаи рақамӣ, 4 беморхоаи минтақавии деҳотӣ, 1 маркази саломатӣ, 10 маркази саломатии деҳотӣ, 40 бунгоҳи саломатӣ, 1 маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, 1 маркази зидди бемориҳои сил, 1 маркази иммунопрофилактика, 1 маркази вируси норасоии масъунияти одам, 1 маркази зидди бемориҳои тропикӣ, 1 шуъбаи безараргардонӣ ва 5 муассисаи тиббии хусусӣ фаъолият менамоянд.

Дар соҳаи тандурустӣ ҳамагӣ 1177 нафар кормандон кор ва фаъолият доранд, ки аз ин шумора 137 духтур, 555 нафар кормандони миёнаи тиб, 301 нафар кормандони хурди тиб ва 184 нафар кормандони техникӣ мебошанд. Дар ин соҳа кормандони бо дараҷаи олӣ 28 нафар, дараҷаи якум 18 нафар, дараҷаи дуюм 17 нафар ва 86 нафар кормандони миёнаи тиббӣ бо дараҷаи олӣ, дараҷаи якум 24 нафар ва дараҷаи дуюм 92 нафар фаъолият доранд.

Соҳаи фарҳанг

Дар ноҳия 35 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 6 хонаи фарҳангӣ, 1 театри мардумӣ, 1 клуби деҳотӣ, 1 клуби сайёр, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 22 китобхонаи деҳотӣ, 1 боғи фарҳангу фароғатӣ ва истироҳатӣ, 1 мактаби мусиқии бачагона ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд. Дар 24 китобхона 119 ҳазору 151 нусха китоб маҳфуз мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ китобхонаи марказӣ, китобхонаи бачагона ва китобхонаи филиали №9 бо харҷи наздики 36 ҳазор сомонӣ таъмир карда шудаанд.

Афзоиши дастовардҳои ҷавонон

Ҷавонони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 83 медал, аз ҷумла 23 медали тилло, 30 нуқра ва 30 медали биринҷӣ гардидаанд.

Бо мақсади ба варзиш ва ташаккули тарзи ҳаёти солим ҷалб намудани наврасону ҷавонон, дар ноҳия муассисаи давлатии мактаби варзишӣ фаъолият намуда, он аз рӯи 6 намуди варзиш, аз қабили гӯштини миллӣ, волейбол, шашкаю шоҳмот ва тенниси рӯи миз амал мекунад, ки дар он зиёда аз 566 наврасону ҷавонон (178 нафар духтарон) ба тамрин фаро гирифта шудаанд.

Давоми солҳои 2019-2022 дар ноҳия 11 майдонча ва 3 толори варзишӣ мавриди истифода қарор дода шуда, тибқи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвар боз сохтмони 12 иншооти варзишӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бо пешниҳоди рақамҳои мушаххас ҷиҳати нишондодҳои муқоисавии рушди соҳаҳои мухталифи ичтимоиву иқтисодии ноҳияи Ҷайҳун, раиси ноҳия Абдулҳафиз Одиназода зикр намуд, ки дар оянда низ барои саривақт ичро намудани уҳдадориҳои ичтимоию вусъат бахшидан ба корҳои ободонӣ саъй карда мешавад.

Машраби АЛОВИДДИН

ФДТТИ – ДАРГОҲИ СОЗГОРИ ИЛМУ ҲУНАРОМӮЗӢ

Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, ки зодаи даврони соҳибистиқлолӣ мебошад, барои расидан ба ҳадафу мақсадҳои ҷавонон ва интихоби дурусти ихтисос беҳтарин маскани илму маърифат дар минтақаи наздисарҳадии кишвар ба ҳисоб меравад.



МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ

Дар соли таҳсили 2023-2024 ФДТТИ довталабонро аз рӯйи 28 ихтисоси кластерҳои якум, дуюм, панҷум ба шуъбаҳои рӯзона ва фосилавӣ, ҳамчунин барои гирифтани ихтисоси дуюм (фосилавӣ) ва аз рӯйи се ихтисос ба магистратура (рӯзона ва фосилавӣ) қабул мекунад:

- *омӯзгорӣ;*
- *равоншиносӣ;*
- *барномасозӣ - зеҳни сунъӣ;*
- *иқтисодӣ ва молия;*
- *саноати коркард;*
- *саноати хӯрокворӣ;*
- *сохтмон;*
- *борпечонӣ;*
- *кишоварзӣ;*
- *тарроҳӣ.*

Дар донишгоҳ 3 бинои таълимӣ мавҷуд буда, 40 синфхона ва 17 озмоишгоҳи таълимӣ бо таҷҳизоти замонавии таълимӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, шабакаи ягонаи интернет тариқи toj NET амал мекунад.

Филиал аз ду факултет: факултети технологияҳои саноатӣ ва зеҳни сунъӣ ва факултети иқтисодиёт ва идора иборат мебошад.

ДАСТОВАРДҲОИ ОМӮЗГОРОН

16-уми октябри соли 2021 дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-023 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон саромӯзгори кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент Шаропова Насиба Ҳафизовна рисолаи номзадиро дар мавзуи "Иқтидори захиравии минтақа дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти он (дар мисоли шаҳри Исфараи вилояти Суғд)" ҳимоя намуд.

7-уми декабри соли 2022 омӯзгори калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ Ризобоева Наргис Мамадкаримовна рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-037 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ҳимоя намуд.

ДАСТОВАРДҲОИ ДОНИШҶӮЁН

Дар даври дуюми озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат”, ки 13-уми майи соли 2022 баргузор гардида буд, донишҷӯёни муассисаи таълимӣ фаъолона ширкат варзида, аз рӯйи фанҳои информатика, физика, химия, математика, география ва инчунин аз навоварӣ ва ихтироъкорӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

Муовини директор оид ба таълим ва илм, н.и.к. Солиев Зокирхоҷа ва донишҷӯйи соли дуюм Асроров Зикруллохӯҷа барои ишғоли ҷойи сеюм дар даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии "Илм - фурӯғи маърифат" дар бахши "Ихтироъкорӣ ва навоварӣ” бо дипломи дараҷаи III қадрдонӣ гардиданд.

Донишҷӯйи курси дуюми ФДТТИ Зикруллохӯҷа Асроров дар даври ҷумҳуриявии озмуни “Илм - фурӯғи маърифат” дар соли 2022 сазовори ҷойи дуюм гардид.

ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИВУ ДОХИЛӢ

Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара бо 11 донишгоҳи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон шартнома ва тафоҳумномаҳои мустақими ҳамкорӣ дорад.

Инчунин, филиал бо корхонаҳои саноатии зерини вилояти Суғд шартномаҳои ҳамкорӣ дорад:

1. Ассотсиатсияи байналмилалии истеҳсолкунандагон ва содиротчиёни маҳсулоти кишоварзӣ.
2. Корхонаи ҶДММ “Субҳи Ватан”.
3. Корхонаи ҶДММ «Меваи тиллоӣ».
4. Корхонаи ҶДММ «Исфара Фуд».
5. Корхонаи ҶСК «Нони Исфара».
6. Корхонаи ҶДММ “Висол”.
7. Корхонаи ҶДММ «Анҳор»-и шаҳраки Бӯстон.
8. Раёсати маорифи шаҳри Исфара.

ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

Корҳои илмии инноватсионии донишҷӯён, аз қабили “Омодасозии кофе аз топинамбур”, “Нӯшоба аз гули садбарг”, “Мураббо аз лаблабу ва гули садбарг”, “Мураббо аз хурмо” ба корхонаи ҶДММ “Субҳи Ватан” (роҳбараш Абдуманнон Эрматов) баҳри ҷорӣ намудан дар истеҳсолот пешкаш карда шудааст. Таркиби ин маҳсулот аз витаминҳои зарурӣ бой буда, барои организми инсон фоидаоваранд.

Гармхонаи замонавӣ дар масоҳати 180 метри квадратӣ бунёд гардида, парки технологӣ ҷиҳати рушди илм ва инноватсия, истифодаи самараноки технологияи аълосифат, истифодаи технологияи навтарин ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ пурсамар фаъолият мекунад.

Дар ФДТТИ таҳсил намуда, шумо бурд мекунед ва орзуву мақсадҳоятонро амалӣ мегардонед.

БАРТАРИҲОИ ТАҲСИЛ ДАР ФДТТИ

- Ихтисосҳои дилхоҳи замонавӣ;
- ихтисосҳои муносиб барои духтарон, бахусус омӯзгорӣ, зеҳни сунъӣ ва тарроҳӣ;
- имконияти таҷрибаомӯзӣ дар хориҷи кишвар;
- маблағи ками таҳсили шартномавӣ;
- сарфа кардани буҷети оила аз ҳисоби харочоти рох, хӯрок ва иҷорашинӣ бинобар таҳсил дар ҷойи зист.

ФДТТИ бехтарин интихоб аст!

ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ИСФАРА ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023-2024 БА ШУЪБАҲОИ РӮЗОНАЮ ФОСИЛАВӢ БАРОИ ИДОМАИ ТАҲСИЛ, ГИРИФТАНИ ТАҲСИЛОТИ ДУЮМ, ТАҲСИЛ ДАР ЗИНАИ МАГИСТРАТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОСҲОИ ЗЕРИН ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОНРО ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

Р/Т	РАМЗИ ИХТИСОС	ИХТИСОСҲО		Теъдоди қабул (нафар ройгон/ шартномавӣ/ фосилавӣ)	Маблағи таҳсил дар шуъбаи рӯзона, (сомонӣ)	Маблағи таҳсилоти дуюм ва фосилавӣ (сомонӣ)
Кластери 1-ум “ТАБИӢ ВА ТЕХНИКӢ”						
1.	1-360901	Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока		10/15	2700	2025
2.	1-490101	Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ		5/20/25	2700	2025
3.	1-40 03 01. 02	Технологияи зеҳнии компютерии ҳифзи иттилоот		10/15/25	3200	2400
4.	1-40 03 0103	Технологияи зеҳнии компютерии реинжиниринг ва бизнес-равандҳо		10/15	3200	2400
5.	1-40 03 01 04	Технологияи зеҳнии компютерии таълими фосилагӣ		10/15/25	3200	2400
6.	1-362002.03	Саноати борпечонӣ (технология ва таҷҳизоти саноати борпечонӣ)		5/20	2700	2025
7.	1 -500102	Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ		10/15	2700	2025
8.	1-360701	Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти химиявӣ ва корхонаҳои масолеҳи сохтмон		10/15	2700	2025
9.	1-540101-05	Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ)		5/20/25	3200	2400
10.	1-400102.01	Технология ва низоми иттилоотӣ (дар нақшакашӣ ва истеҳсолот)		5/20	3200	2400
11.	1-02 06 02-02	Технология. Равоншиноси раҳнамоии касбӣ	**Омӯзгор**	5/20	3200	2400
12.	1-020602.01	Технология. Информатика		5/20/25	3200	2400
13.	1-02 05 03-01	Математика. Физика		5/20/25	3200	2400
14.	1-3103 03-02	Математикаи амалӣ (фаъолияти илмию педагогӣ)		5/20/25	3200	2400
15.	1-02 05 04-04	Физика. Эҷодиёти техникӣ		5/20/25	3200	2400
16.	1-02 06 02-08	Технология (меҳнати техникӣ). Эҷодиёти техникӣ		5/20/25	3200	2400
17.	1-02 06 02-06	Технология (хизматрасонӣ) Педагогикаи иҷтимоӣ		5/20/25	3200	2400
Кластери 2-юм “ИҚТИСОД ВА ГЕОГРАФИЯ”						
18.	1 -250107-11	Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои саноатӣ		5/25/25	3200	2400
19.	1-27.01.01-20	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати хӯрокворӣ)		5/20	3200	2400
20.	1-26020307	Маркетинги корхонаҳои саноатӣ		5/25/25	3200	2400
21.	1-25010410	Менеҷменти молиявӣ		5/25/25	3200	2400
22.	1 -250104	Молия ва қарз		5/25/25	3200	2400
23.	1 -400102.02	Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)		5/25/25	3200	2400
24.	1-02 04 05-03	География. Иқтисодиёт	**Омӯзгор**	5/20/25	3200	2400
Кластери 5-ум “ТИБ, БИОЛОГИЯ ВА ВАРЗИШ”						
25.	1-3101 01-03	Биология (биотехнология)		10/15/25	3200	2400
26.	1-02 04 06-01	Химия. Биология	**Омӯзгор**	5/20/25	3200	2400
27.	1-3105 01-02	Химия (фаъолияти илмию педагогӣ)		5/20/25	3200	2400
28.	1-74 02 06	Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти растанипарварӣ (аз рӯи самтҳо)		10/15	2700	2025
МАГИСТРАТУРА						
29.	М -25 01 07-11	Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои саноатӣ		-/25	3200	-
30.	М-25010410	Менеҷменти молиявӣ		-/25	3200	-
31.	М-540101-05	Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ)		-/25	3200	-

РАМЗИ ФДТТИ ДАР ММТ 401 МЕБОШАД



Хуҷастаи Мирзовалӣ:

ПУЛ ЛОЗИМ АСТ, ВАЛЕ ИСТЕЪДОД МУҲИМТАР

САРОЯНДАИ МАЪРУФИ ЭСТРАДАИ ТОҶИК ХУҶАСТАИ МИРЗОВАЛӢ МЕҲМОНИ НАШРИ НАВБАТИИ БАРНОМАИ “РӮ БА РӮ”-И ЮТУБ-КАНАЛИ PRESSA.TJ БУД. ФИШУРДАИ СУҲБАТИ САРОЯНДАРО ПЕШКАШИ ШУМО МЕКУНЕМ.

Ситораи опера

- Дар саҳнаи ҳунар ҳамчун сароянди опера тулуъ кардӣ. Сарнавиштат ба ин жанри душвор чӣ гуна пайваст?

- Шукр мекунам, ки Худованд ба ман садои қавӣ додааст. Дар баробари ин, ба сароянди опера шавқу завқ доштам. Падарам маро ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов оварда, то ки донишҷӯ шавам. Худам мехостам дар шуъбаи эстрада таҳсил кунам, вале вақте устодон маро имтиҳон карданд, тавсия доданд, ки ба шуъбаи овозхонии академӣ дохил шавам. Ҳамин тавр, 5 сол жанри операро дар пеши устод Бурҳон Мамадқулов омӯхтам.

- Дар Милан ҳам таҳсил кардӣ...

- Бале! Соли 2013 дар консерти идона бахшида ба Рӯзи Истиқлоли кишвар як ария сароидам. Дар ин чорабинӣ Президенти кишвар ширкат доштанд. Сароидани ман ба роҳбари давлат писанд афтод ва эшон супориш доданд, ки барои таҳсил маро ба Италия равон кунанд. Ҳамин тавр, бо роҳнамоии устод Адҳам Холиқов дар Милан таҳсил кардам.

- Имрӯз операи тоҷикро кӣ пеш мебарад?

- Операи тоҷикро ҳунармандони театри касбӣ пеш мебаранд. Аз ҷавонҳо Амирҷон Рӯзиев, Шарофат Усмонова, Мунзифа Исоева, Шоҳрух Юнусов ва чанд нафари дигар имрӯзҳо муваффақ ҳастанд. Имрӯзҳо дар Театри опера ва балети мо операҳои нағз ба саҳна гузошта мешаванд.

- Як муддат дар Театри академии опера ва балети ба номи устод Айнӣ фаъолият карда, баъдан тарк кардӣ. Сабаб чӣ буд?

- Барои он ки ман дар баробари опера дар дигар жанрҳо низ худро санҷидам ва бештар ба сароидани сурудҳои эстрадӣ машғул шудам. Ҳамин тавр, сафарҳои ҳунариам зиёд шуд. Чунин рӯзгор ба театр мувофиқ наомад, бинобар ин, аз театр рафтам. Агар маро ба ягон намоиш даъват кунанд, меравам. Вале ҳамчун корманди штатӣ имкони аз саҳар то бегоҳ дар театр буданро надорам. Ҳоло ман корманди Оркестри симфонии назди Президенти Тоҷикистон ҳастам.

- Маоши ҳунармандони опера чӣ қадар аст?

- Зиёд нест. Фикр мекунам 1500 то 2000 сомонӣ аст...

Вақте зиндагӣ маҷбур мекунад...

- Дар интернет туро гоҳ ҳисорӣ менависанд, гоҳ шаҳринавӣ, гоҳ бадахшониву гоҳ кӯлобӣ...

- Ин хуб аст, зеро ҳама ҷойи Тоҷикистони азиз Ватани ман аст. Падарам аз Фархору модарам аз Ҳисоранд, вале мо дар ноҳияи Шаҳринав ба воя расидем. Худам дар Ҳисор таваллуд шудаам. Қабл аз он ки ба Душанбе оям, дар шаҳри Турсунзода зиндагӣ мекардем. Ман дар мактабҳои гуногун таҳсил кардаам, бинобар ин, ягон ҳамсинфамро нағз дар ёд надорам...

- Мақсади ин кӯчиданҳо чӣ буд?

- Зиндагӣ маҷбур мекард. Ман вақте хурд будам, падару модарам аз ҳам ҷудо шуданд. Модарам моро ба танҳоӣ ба воя расониданд.

- Модарат чӣ кор мекарданд?

- Модарам муаллимаи забон ва адабиёти рус ҳастанд. Дар Шаҳринав директори мактаби рақами 10 буданд. Ҳоло дар Донишкадаи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода кор мекунанд. Ба наздикӣ рисолаи номзадӣ дифоъ карданд.

- Падарат чикора ҳастанд? Оё бо эшон иртибот дорӣ?

- Падарам шахси эҷодкор ҳастанд. Як муддат хайёт буданд. Шиму костюм медӯхтанд. Баъдан ба ҳунар пайвастанд ва чанд сол дар “Мосфилм” фаъолият доштанд. Дар чандин филмҳо нақш бозидаанд. Феълан дар Тоҷикистон ҳастанд. Бо эшон дар иртибот ҳастем.

ВИДЕОИ СУҲБАТИ МАЗКУРРО ДАР ЮТУБКАНАЛИ PRESSA.TJ ТАМОШО КУНЕД!

Шебу фарози эстрада

- Чаро аз опера ба эстрада гузаштӣ?

- Ман операро тарк накардаам. Эстрада ва сурудҳои фолклориро барои он мехонам, ки ба мардум бисёр наздик аст. Барои пеш бурдани зиндагӣ ман маҷбурам, ки ба талаботи мардум нигоҳ карда, суруд хонам...

- Дар бораи сарояндагони зан овозаву сарусадо зиёд аст. Оё имкон дорад, ки бо роҳи рост дар эстрада мавқеъ ёбӣ?

- Бале, ин ба худи инсон вобаста аст.

- Вақте чавондухтари зебо дар эстрада пайдо мешавад, мардҳои сарватманд, мансабдор ба ӯ бештар таваҷҷуҳ мекунанд. Аз табъиз - дискриминатсия чӣ гуна худатро раҳо мекунӣ?

- Албатта, таваҷҷуҳи мардҳо ҳамеша ба зани зебо эҳсос мешавад. Дуруст аст, ки баъзан вақт мардҳо аз ҳад мегузаронанд. Вале ман кӯшиш мекунам, ки касеро наранҷонам, ҷанҷол накунам ва оҳиста худамро аз чунин нафарон дур кунам.

- Барои дар эстрада мавқеъ ёфтан чӣ муҳим аст: истеъдод, зебоӣ ё пул?

- Пул нақши муҳимро бозӣ мекунад, зеро сабти суруд, клип, либос ва ғайра харочоти калон дорад. Вале истеъдод муҳимтар аст. Саҳна зебоиро талаб мекунад. Яъне бидуни ҳар се намешавад.

- Чаро имрӯзҳо сурудҳои каммазмун маъруфият пайдо мекунанд?

- Ин маро ҳам бисёр ҷигархун кардааст, вале чӣ чора!? Аҳамият медиҳам, ки ҳар қадаре мазмуни суруд паст бошад, ҳамон қадар зиёдтар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Ин аз сатҳи маърифати мардум вобастагӣ дорад.

- Аз оғози фаъолият чандин сурудҳои қадимаро бозхонӣ кардӣ ва онҳо маъруфият ҳам пайдо карданд. Сурудҳои солҳои 60-ум ва 70-у 80-ум чӣ асроре доранд, ки куҳна намешаванд?

- Барои он ки шеъру оҳанги ин сурудҳоро эҷодкорони бехтарин навиштаанд...

- Имрӯз эҷодкорони бехтарин дорем?

- Бале, вале хеле кам.

Аз ҳар боб

- Дар шабакаҳои иҷтимоӣ бисёр фаъол ҳастӣ...

- Бале. Ин имкон медиҳад, ки бо мухлисонам наздик бошам.

- Бештари мухлисонат дар шабакаҳои иҷтимоӣ мепурсанд, ки Хуҷаста кай шавҳар мекунад?

- Кай вақте насиб бошад. Аввал инсони чиддӣ ва сазовор пайдо шавад...

- Аз пушти ҳунари сарояндагӣ чӣ чизи гаронарзиш харидӣ?

- Шукр, ҳоло хона ва мошин дорам...

- Кай консерт баргузор мекунӣ?

- Ҳамин сол...

Мусоҳиб: О. НОЗИР

▸▸ *Рӯзи модар*



Давлат Сафар

Қиблаи умед

Модар, чу офтоби дурахшон ягонаӣ,
Эй нурбахши зиндагиям, зеби хонаӣ.
Аз аллаҳову ҷунбиши гаҳвораам ҳанӯз,
Бо ҳар баҳона ёд кунам, бебаҳонаӣ.
Дар лобалои меҳри ман, эй қиблаи умед,
Меҳроби сарнавишт ба ҳар як таронаӣ.
Бе васфи шеърҳои ҳама шоирони давр,
То ҳаст осмону замин, ҷовидонаӣ.
Дасти қалам ба домани меҳрат намерасад,
Эй шеъри ноб, марҳамати шоиронаӣ.
Ҷамъи фариштагон ҳама гар пайравони туст,
Аммо, ту лутфи Холиқу аз Ӯ нишонаӣ!



Назрӣ Асадзода

Модар

Нагӯям Меҳру Маҳ рӯи ҷаҳонорои модарро,
Ки Меҳру Маҳ надорад гармии симои модарро.
Ба дунё ҷои ҳар чизе бигирад чизи дигар, лек
Нагирад ҳеҷ гоҳе ҳеҷ чизе ҷои модарро.
Дилам хоҳад, ки хоки пои модар бошаму умре
Ниҳам доим ба сар чун тоҷ нақши пои модарро.
Чу ҳарфи модарон ширин ба дунё ҳеҷ чизе нест,
Надорад ҳеҷ нуқле таъми ин ҳалвои модарро.
Нашояд ҳарфи ӯ бишнида худро бар тағофул зад,
Ба гӯши ҷону дил бояд шунид илқои модарро.
Бале, "ҷӯянда ёбандаст", лек аз ҷустуҷӯ ҳаргиз
Наёбад ҳеҷ як ҷӯяндае ҳамтои модарро.



Бобоҷони Нурзод

Ҷиҳози модар

Модарам дар сояи сабзинабед,
Рағза монда рӯи ҳавлӣ боумед.
Тору пуди риштаҳои рангааш,
Сурху зард, норинҷӣ,
сабз асту сафед.
Пиразан, ҳамсояҳои бо ҳунар,
Бо калоба риштаҳояш раддабанд.
Тори ҳар як риштаро
баста ба ҳам,
Додаанд зебоиҳо бар ин раванд.
Шодии модар надорад интиҳо,
Он умедаш омада имрӯз ба бор.
Ӯ гилемеро ҳамебофад кунун,
Баҳри фарзандаш ба
меҳру ифтихор.
Тӯҳфа бинмояд ба он фарзанди хеш,
Баҳри хушбахтӣ бимонда
нақши даст.
Ин ҷиҳози хонаободии ӯ,
Рӯи он девору меҳробаш нишаст.
Модарам он рӯз расида бар мурод,
Бо гилем, чоку чурукаш буда шод.
Ҳаркӣ бинад нақши дастони варо,
Мешавад хушҳолу меорад ба ёд.



ЛОИҚ РАҶАБОВ

Ситораи нави тоҷик дар UFC

Размикори муваффақи тоҷик Лоиқ Раҷабов рақобати дебютиашро миёни сабуквазнҳо дар ташкилоти бонуфузи UFC бо ғалаба анҷом дод. Рақиби ӯ аргентинӣ Эстебан Рибовичи 26-сола буд. Набарди онҳо дар доираи Мусобиқаи UFC 285 субҳи 5-уми март дар толори T-Mobile дар Лас-Вегаси Амрико баргузор гардид.

Рақобати ин ду размикор 3 раунд идома кард ва бо қарори доварон ғалаба ба Лоиқ дода шуд. Ин 17-умин ғалабаи ӯ буд. Лоиқ Раҷабов бо задани 11 партоби муваффақ (тейкдаун) дар таърихи UFC миёни сабуквазнҳо рекорд гузошт. То ин вақт касе чунин партобро ба мисли дар се раунд 11 маротиба аз по задани ҳариф анҷом надода буд.

Ин рақобати 22-юми Лоиқ Раҷабов буд. Ӯ то ин дам 16 ғалаба, 4 бохт ва 1 мусовӣ дар корномаи худ дошт. Рақиби ӯ Эстебан Рибовичи 26-сола бешикаст буд. Ӯ то ин дам 11 ғалаба дошт.

Набарди онҳо як ҳафта пеш пас аз даст кашидани рақиби Рибович аз рақобат муайян шуд. Лоиқ Раҷабов қабул кард, ҳарчанд размикорон рақибони худро 2-3 моҳ пеш интихоб мекунанд.

Қаблан Конор Макгрегор барои роҳ ёфтани Лоиқ Раҷабов ба UFC монеа шуда буд. Лоиқро мебоист барои роҳ ёфтан ба UFC дар “The Ultimate Fighter 31” ширкат мекард, аммо Макгрегор ба ҷои ӯ намояндагони худашро оварда буд.

Пас аз он ки рақиби Рибович аз мусобиқа даст кашид, Раҷабов ҳамчун ивазкунанда ба майдон баромад ва пирӯз шуд.

Лоиқ пас аз муҳориба гуфт, ки “мусобиқаи UFC 285 яке аз муҳорибаҳои муҳим дар ин ташкилот буд. Ҳар кас муваффақ намешавад, ки дар чунин мусобиқаи муҳим ширкат намояд ва ғолиб шавад. Худоро шукр, ин ба ман даст дод. Ман нақша дорам, ки акнун мисли варзишгарони шинохтаи UFC дар бахши асосӣ (мейн кард) бозӣ кунам”.

Лоиқ афзуд, ки пас аз моҳи Рамазон тамринҳоро оғоз мекунад ва шояд 3-4 моҳ баъд ба майдон барояд.

Лоиқ Раҷабов дувумин варзишгар аз Тоҷикистон аст, ки дар ташкилоти маъруфи UFC баромад мекунад ва ғалаба ба даст меорад. Ҳафтаи гузашта варзишгари дигари тоҷик Нурулло Алиев дар UFC баромад ва ғалаба карда буд.

TASHKENT GRAND SLAM 2023

Медали тилло ва биринҷии варзишгарони Тоҷикистон

Аз 3 то 5-уми март дар пойтахти Ӯзбекистон мусобиқаи Tashkent Grand Slam 2023 баргузор шуд, ки Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 13 паҳлавон намояндагӣ карданд.



Ба Эмомалии Нуралӣ (-66 кг) муяссар шуд, ки медали тилло гирад, Сомон Маҳмадбеков (-81 кг) ба гирифтани медали биринчӣ шарафёб шуд. Эмомалии Нуралӣ дар даврҳои аввал бар варзишгарон аз Туркманистон, Ӯзбекистон ва Фаронса пирӯз шуд. Дар даври ниҳоӣ ӯ паҳлавони ӯзбек Сардор Нуриллаевро мағлуб кард.

Сомон Маҳмадбеков дар даври чорякниҳоӣ бар паҳлавони Ӯзбекистон пирӯз шуда, ба даври нимниҳоӣ баромад, вале дар ин давр аз намояндаи Австрия шикаст хӯрд. Дар қувваозмоӣ барои ҷойи сеюм Маҳмадбеков як намояндаи дигари Австрияро шикаст дод ва медали биринчӣ гирифт.

Комроншоҳи Устопириён дар вазни то 90 кг бар ӯзбек Озодбек Муродов, мисрӣ Алӣ Ҳазем дастболо шуд, вале дар даври чаҳорякниҳоӣ аз бразилӣ Гиовани Ферейра мағлуб шуд ва дар даври тасаллобахш аз ӯзбек Ҷаҳонгир Маматраҳимов шикаст хӯрд.

Ҷаҳонгир Маҷидов дар вазни то 90 кг бразилӣ Марсело Гомесро шикаст дод ва дар даври дуюм аз лубнонӣ Карамноб Сагайпов мағлуб шуд.

Темур Раҳимов зери вазни аз 100 кг боло муқобили Эрик Абрамов аз Олмон, Мунир Эртуг аз Туркия дастболо шуд, вале аз Татсуру Саитои ҷопонӣ шикаст хӯрд. Сипас, барои нишони биринчӣ бо Гела Заалашвилии гурҷӣ набард кард ва низ мағлуб шуд.

Иброҳимҷон Элмуродов зери вазни ҷамъи 100 кг дар 15 сония аз ҷудочии гурҷӣ Гела Заалашвили дар аввалин рақобат шикаст хӯрд.


Дигар паҳлавонони Тоҷикистон низ, аз қабили Муҳаммадсолеҳ Қувватов, Шаҳбоз Саидаброров, Беҳрӯзи Хоҷазода, Муҳаммад Абдуҷалилзода, Маҳмадшариф Наҷмиддинзода, Шукрона Қарчиева ва Шоҳида Қаландарова ба комёбии назаррас ноил нашуданд.

Толеънома




Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳар орзуву ният, ки дар дил мепарварад, ба шарте амалӣ мешаванд, ки пайваста заҳмат кашида, меҳнат кунед. Агар аз кор натарсед, бар ивазаш роҳат мебинед. Бо тамоми ҳастӣ аз танҳоӣ гурезед, айни замон он бар зарари шумо хоҳад буд.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта бар замми он ки корҳои ба нақша гирифтаи худро ба анҷом мерасонед, боз мушкилоти пешинаатонро ҳам бартараф месозед. Агар аз шумо кумак пурсанд, рад накунед. Вазъи молиявиатон мунтазам рӯ ба беҳбудӣ меорад.




Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аввали ҳафта аз ҷорӣ намудани тағйирот наҳаросед. Ҳар нафаре, ки бо ӯ шинос мешавед, ба зиндагиятон таъсири хуб мерасонад. Рӯзҳои истироҳат барои харидани либос созгор меояд. Охири ҳафта баъзе мушкилиҳои молиявӣ сар мезананд.




Саратон
22.06 - 23.07

Нақшаву ниятҳои худро ба касе нагӯед, вагарна бадхоҳон аз соддагиву зудбовариятон истифода мебаранд. Рӯзи сешанбе дар хонаи худ қулфи дару тирезаро иваз накунед. Рӯзи чоршанбе ҳангоми кор бо маҳлулҳои кимиёвӣ эҳтиёт шавед.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта шуморо вохӯриву шиносоиҳои бобарор интизор аст. Ҳар танқиду эродеро, ки дар мавриди рафтору сарулибоси худ мешунавед, ба эътибор нагиред, дар атрофатон бадхоҳону ҳасадхӯрони зиёде ҷамъ омадаанд.




Сумбула
23.08 - 22.09

Агар нақшаи пайдо намудани ҷои нави кориро дошта бошед, дар ин ҳафта ба ин кор даст назанед, вагарна кори хубро аз даст медиҳеду аз он бехтарашро пайдо карда наметавонед. Рӯзи чоршанбе агар қайчӣ дар дастатон шиканад, дурӯғеро фош месозед.




Мизон
25.09 - 22.10

Агар орзуи ба вазифаи баландтаре ноил шуданро дошта бошед, дар ин ҳафта имконияти мусоидро аз даст надиҳед. Барои муваффақ гаштан хеле заҳмат кашиданатон лозим меояд. Рӯзи душанбе харочоти калон мекунед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Барои рафтору кирдори неке, ки замоне нисбати дигарон кардаед, дар ин ҳафта мукофот мегиред. Ба атрофиён имкон надиҳед, ки озодиятонро маҳдуд созанд. Рӯзи чоршанбе эҳтимоли харочот кардanатон дар назар аст. Рӯзи ҷумъа вохӯрии тақдирсоз имкон дорад.




Қавс
25.11 - 21.12

Дар ин ҳафта бо мушкили зиёде машғул шуданатон лозим меояд, вале дар танҳоӣ аз уҳдаи ҳама кор намебароед. Маҷбур мешавед, ки аз дигарон кумак пурсед. Рӯзи чоршанбе ба чашмони худ фишор наоред, дар хонаи чарогаш хира китоб нахонед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта муноқишае, ки чанд сол пеш аз сар гузаронида будед, аз нав сар мезанад. Нафаре шуморо ба ғазаб овардан мехоҳад. Аз доираи нафароне, ки баробатон писанд нестанд, худро канор гиред, айни замон бадхоҳон ба ҳама гуна макру хилла қодир ҳастанд.



Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта бо душманони собиқ ва рақибонатон якҷоя ҳамкорӣ карданатон лозим меояд. Қуввааву имкониятҳои худро истифода бурда, аз тухфаҳои тақдир бенасиб намонед. Рӯзи сешанбе аз муноқиша гурехта наметавонед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Дар ин ҳафта нафароне пайдо мешаванд, ки дар лаҳзаҳои мушкил дастгирӣ мекунанд. Агар бо мақсади харидорӣ намудани чизи дилхоҳ пул ҷамъ мекарда бошед, ба зудӣ маблағи даркориро ба даст меоред. Инчунин, дар ин рӯзҳо иштиҳоятон кушода мешавад.

Телефон

Ҷавонмарди тоҷик фирма мекушояд. Рӯзи якум дар офиси нав ҳама чо ба чо шудааст. Ногаҳон дарро касе мекӯбад. Ӯ худро ба кресло партофта, гӯшаки телефонро мегираду бо овози баланд мегӯяд:

- Дароед!

Марде дар даст сумка медарояд.

Ҷавонмард бо телефон:

- Не, имрӯз наметавонам, корамон бисёр, клиентҳо бисёр. Ман шуморо ба навбат менависам.

Баъд гӯшаки телефонро гузошта, аз марди омада мепурсад:

- Бубахшед, кор бисёр, клиентҳо беист занг мезананд. Ба шумо чӣ хизмат кунам?

Марди меҳмон дар ҷавоб:

- Ман аз стансияи телефонӣ омадам, то ки телефони офисатонро ба шабака пайваст кунам.

Шакарханд

- Вақте ки ман дар мактаб мехондам,- гуфт марде ба писараш,- аз фанни таърих доим баҳои “5” мегирифтам, аммо ту бошӣ, фақат баҳои “3” мегирӣ.

Писар дарҳол ҷавоб дод:

- Падарҷон, вақте ки шумо дар мактаб мехондед, таърих хеле кӯтоҳ буд.



Булбул

Рӯзе Булбул ном писарбачае ба боғ гелосхӯрӣ даромадааст. Ногоҳ боғбон дар болои дарахт гелосхӯрии ӯро дида, гуфтааст:

- Бача, чӣ ном дорӣ?

- Булбул,- ҷавоб додааст ӯ.

- Агар булбул бошӣ, суруд хон,- хоҳиш кардааст боғбон.

Боғбон овози гӯшхарошу нофорами ӯро шунида, гуфтааст:

- Наход, ки булбул ҳамин хел хонад?

Бача аз болои дарахт ҷавоб додааст:

- Булбули гелосхӯр ҳамин хел мехонад.

Посух

Муаллим:

- Толиб, мори айнакдор ба кадом гурӯҳи ҳайвонҳо дохил мешавад?

Талаба:

- Ба ҳайвонҳое, ки масофаи дурро дида наметавонанд.

Ширин

Марде зариф зани ҷамилаеро диду гуфт:


- Чӣ шавад, эй хотун, агар рухсат фармоӣ, ки туро бичашам ва чошнӣ гирам, то бубинам, ки ту ширинтарӣ ё зани ман?

Зан гуфт:

- Бирав, аз шавҳарам бопурс, ки ҳардуро чашидааст, то ӯ хотирнишони ту кунад.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





110 сол шумо гап задед, мо гӯш кардем ку...

Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухалил Ғафурзода дар Рӯзи 110-солагии матбуоти тоҷик ба минбар баромада, рӯзноманигоронро табрик кард. Барандаи маҷлис аз эшон хоҳиш кард, ки суханро кӯтоҳтар кунанд. Устод хандида гуфтанд:

- 110 сол шумо навиштед, мо хондем, 110 сол шумо гап задед, мо гӯш кардем. Имрӯз мо гап мезанем, гӯш кардан навбати шумо.

Гимн чун ахбор кӯтоҳ шуд

Дар Рӯзи таҷлили ҷашни матбуоти тоҷик гимни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисор садо дод. Шервони Умриддин, ки дар паҳлуи ман менишаст, гуфт:

- Устод, магар гимнро бо ихтисор хондан мумкин аст?

Гуфтам:

- Бале, мумкин. Дар матубот ҳама чиз бояд кӯтоҳ, мухтасар ва фаҳмо пахш шавад.

- Чӣ хел?,- ҳайрон шуда пурсид.

Хандидаму гуфтам:

- Чӣ нофаҳмо? Гимнро ҳам чун ахбор кӯтоҳ карда, фақат муҳтавояшро пахш карданд.

Ман фақат аз одамҳо хафа мешавам

Бо Зоҳири Сайфулло ба ҷашни матбуот мерафтем. Дар роҳ бо ҳамдигар дар бахс шудему ӯ ба ман ду-се сухани аз қолаб берун гуфт. Дар фикри ҷавоби сазоворе будам, ки пурсид:

- Устод, ҷавоб надодед, ба фикрам хафа шудед-а?

Хандидаму гуфтам:

- Не, не. Ман фақат аз одамҳо хафа мешавам.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ФУРӮШИ ҲАВЛӢ

► Хонаи дорои 4 ҳуҷра, 13,5 сотих замин, посёлкаи Ҷангалак. Тел: 91-992-53-35, 917-18-04-40

ЭЪЛОН

► Ҳамёни занона бо пул ва ҳуҷҷатҳо (аттестат, шаҳодатномаи таваллуд, картаи бонки Эсхата, калид аз хона ва мошин) ба номи Якубова Наргиз Амоновна 01.03 соли 2023 дар маршрути №2 гум шудааст. Ёбандаро мукофот интизор аст. Тел.: 558-39-65-65, 918-30-53-61

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба экспедитор-ронанда, менеджер оид ба фурӯши нӯшокиҳо ниёз дорем. Тел.: 900-013-013, 008-08-50-03

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи нафақа, ки онро ВКД соли 1996 ба Буриева Муҳаррам Саидовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Ордери №022430 аз 16.10 соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, хонаи 118, ҳуҷраи 17, ба номи Бердиев Аҳрор, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии "Нуробод Маҳмадали", роҳбараш Караев Махмадали, РЯМ: 0730003056, РМА: 075487771, ки Нозироти андози шаҳри Турсунзода 02.10 соли 2009 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, ки онро Донишгоҳи молия ва иқтисоди ҶТ соли 2020 ба Шерхонов Ҷамшед Раҷабалиевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи Гипрозем, хонаи 32, ҳуҷраи 27, ки дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира аз 03.01.2023, рақами 1-326 ба шаҳрванд Чалилова Озода Давлятовна тааллуқ дорад, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0179430, ки онро Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара соли 2019 ба Гадоева Зиёдамо Исматовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи А №0091046 аз 27-уми ноябри соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Машъал, хонаи 10-г ба номи Додихудоева Хайма, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми А№0634419, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Фирдавсӣ соли таҳсили 2011-2012 ба Эрматова Мадина додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии №005/21, ки онро Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2021 ба Авазов Саидали Абдусатторович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси ҶДММ "Шаъбон-2017", РЯМ: 0710009960, РМА: 070016892, ки Нозироти андози шаҳри Турсунзода 11.10 соли 2017 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01870804, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансур 07.05 соли 2019 ба Рахманова Шахноза Шухратовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, ҳавлии 295, хонаи 25 ба номи Мухамадиева Файзиниссо Кодировна, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.



Зодрӯз муборак!

Қиблагоҳи меҳрубон, нури дидагон, падарҷон Пулодов Бозорбой!

Шуморо ба муносибати 68-солагиатон табрик намуда, аввало аз даргоҳи Худованд ба шумо саломатӣ ва умри дарози пурбаракат хоҳонем ва орзуи онро дорем, ки ҳамеша соябони сари мо фарзандон бошед.

Ахтари ин хонадон ҳастӣ, падар,
Нурпоши роҳи мо ҳастӣ, падар.
Бе ту маъние надорад зиндагӣ,
Баҳри ман ҳам бахту ҳам тахтӣ падар.

Аз номи оила ва фарзандон

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А04125815, ки онро ШВКД-и ноҳияи И. Сомонӣ 17.01 соли 2022 ба Юнусхоҷаев Ёдгор Хамроевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳамкорӣ таҳти феҳрести 9Ш-670, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13.05 соли 2013 байни Набиев Шамсиддин Бозорович ва Ҳакимова Анзурат Ҳабибовна, бинои истиқоматии 5-ошёнаи бисёрквартирадор бо ҷойгир намудани маркази савдо дар ошёнаи аввал, воқеъ дар шаҳри Душанбе, шаҳраки 103 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, литери 2-1/×× таҳти феҳрести 1.Ш 1781, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 22.09 соли 2017 ба Хушвахтов Худойназар Абдурасулович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ таҳти феҳрести №1Ш-159, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Восеъ 15.04 соли 2011 бо суроғаи ноҳияи Восеъ, ҷамоати Мичурин, деҳаи Файзобод ба Умарова Азизмо додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Ҳоҷи Қудрат", РЯМ: 3310009551, РМА: 330013481 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид
United Nations Development Programme

Программа Развития Организации Объединенных Наций (ПРООН) ведет свою деятельность в Таджикистане с 1994 года и представляет собой широкий спектр деятельности, в том числе по сокращению бедности, демократическому управлению, предупреждению кризиса, энергетики и окружающей среде, и снижению бремени ВИЧ/СПИД, ТБ и Малярии.

ПРООН в Таджикистане объявляет следующие вакансии для местных консультантов:

UNDP-TJK-00062- National Consultant on Mid Term Project Review; Project: An integrated landscape approach to enhancing the climate resilience of small-scale farmers and pastoralists in Tajikistan; Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 23 March 2023, 17:00.

Для получения информации и документации по вышеуказанным объявлениям, пожалуйста, посетите наш веб-сайт https://www.undp.org/tajikistan, раздел **Procurement**. В случае возникновения вопросов, касающихся объявления, пожалуйста пишите по указанному адресу электронной почты.

Контактные данные: Адрес: 734024, г. Душанбе, Таджикистан, ул. Айни 39
Тел: +992 (44) 6005596, 6005600; Эл.почта: procurement.tj@undp.org

Мавлудномa

• 9 МАРТ •

Надежда Будкевич (1908-1991), 115-солагии зодрӯзи арбобзани фарҳангӣ, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Фарҳод Карим (1958-2019), 65-солагии зодрӯзи нависанда, ношир.

Силия Красик (1923-2004), 100-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Олимҷон Маҳмудов (1968), 55-солагии зодрӯзи муаррих.

Шавкат Маъруфов (1928), 95-солагии зодрӯзи собиқадори матбуот, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Саъдулло Раҳматуллоев (1953-2014), 70-солагии зодрӯзи журналист.

• 10 МАРТ •

Татяна Василчикова (1948), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Абдукарим Қосимов (1933-1997), 90-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Ботуралӣ Мирзоалиев (1953), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Сафар Муллоев (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Фарида Муҳаммадгалиева (1923-1994), 100-солагии зодрӯзи устоди рақс, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Мирзо Насриддин (1948), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Муҳаммадҷон Раҳимов (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Фахриддин Ҳайдаров (1968), 55-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

• 11 МАРТ •

Маҳмад Ғоибов (1943), 80-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Абдуғаффор Убайдуллоев (1958), 65-солагии зодрӯзи журналист.

• 12 МАРТ •

Зокирбой Восидов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Юсуф Раҳимов (1938), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

Шамсулло Турдиев (1968), 55-солагии зодрӯзи доктори илми байторӣ.

Матлуба Раҳматуллоева (1933), 90-солагии зодрӯзи журналист.

• 13 МАРТ •

Ансор Афсаҳов (1938-2000), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Александр Герр (1908-1967), 115-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Мақсудҷон Мирбобоев (1943), 80-солагии зодрӯзи файласуф.

Ҷалол Мурувватов (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Олимҷон Орифӣ (1913-1989), 110-солагии зодрӯзи шоир.

• 14 МАРТ •

Мамадшо Илолов (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АИ Тоҷикистон.

Одина Мирзоев (1953), 70-солагии зодрӯзи физикдон.

Лилиан Налоева (1933), 90-солагии зодрӯзи коргардони ТВ, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Санъат Раҳматуллоев (1933), 90-солагии зодрӯзи сароянда, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

• 15 МАРТ •

Бобоҷон Абдулвоҳидов (1953-2007), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Талбак Назаров (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор, академики АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Илмира Самадова (1958), 65-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи педагогика.

Мирзоалӣ Табаров (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Зулфия Тӯйчиева (1953), 70-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Абдулҳақ Файзиев (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

Насрулло Ҳоҷиев (1938-2005), 85-солагии зодрӯзи файласуф.

Саидамир Ҷононов (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Малоҳат Шаҳобова (1928-2004), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ДДТТ - ДОНИШГОҲЕ, КИ ҶОИЗАИ «СИФАТИ АВРУПОӢ» ДОРАД!





Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон яке аз мактабҳои олии муваффақи ҷумҳурӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, гумрук, ҳуқуқи иқтисодиёт, сайёҳӣ ва маркетинг ба ҳисоб меравад. Ҳоло тамоми қӯшишу ғайрати ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ баҳри тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва боло бурдани обрӯю нуфузи донишгоҳ равона гардидааст.

Бояд гуфт, ки яке аз самтҳои муҳими стратегии рушди ДДТТ - ин таҳким ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои олӣ барномаҳои табодули академии донишҷӯёну омӯзгоронро амалӣ намуда, ҳамкориҳои илмию амалиро бомуваффақият густариш дода истодааст. Айни замон донишгоҳ аз рӯи 36 барномаи таълимӣ, аз ҷумла 3 барномаи таълимашон бо забони англисӣ мутахассис тайёр менамояд.

Донишгоҳ дорои Донишкадаи иқтисод ва савдо дар шаҳри Хуҷанд, 7 бинои таълимӣ, литсей, хобгоҳи 4-ошёна барои омӯзгорону кормандон, ду хобгоҳи 4-ошёна барои донишҷӯён, як толори варзишӣ, ду майдончаи варзишӣ, 3 факултет, шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ, 12 кафедраи тахассусӣ ва 5 кафедраи умумидонишгоҳӣ мебошад.

ДДТТ соли 2012 дар ҷумҳурӣ нахустин шуда соҳиби шаҳодатномаи аккредитатсияи байналмилалӣ гардидааст. Соли 2020-ум 4 барномаи бакалавриат ва 2 барномаи магистрии донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шуда, соҳиби шаҳодатнома гардиданд.

Инчунин, донишгоҳ консепсияи таълимиро ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва барномаҳои муштараки таълимӣ бо донишгоҳҳои хориҷи дуру наздик амалӣ гардонида истодааст.

ДДТТ дар бозори хизматрасонии таълимӣ ҷойгоҳи хосаи худро дошта, оид ба тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон мавқеи пешсафро ишғол менамояд. Хатмкардагони донишгоҳ на танҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат, балки дар ташкилоту ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ низ фаъолияти пурсамар доранд.

Хуллас, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон насли нави мутахассисони баландихтисосеро омода мекунад, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир, дорои салоҳияти баланди касбӣ, ватандӯст ва худшиносу худогоҳ буда, дар пешрафт ва ободию шукуфоии кишвари маҳбубамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳиссагузор бошанд.

МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН!



НАҚШАИ ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН БА ШУЪБАИ РӮЗОНА ВА ФОСИЛАВИИ ЗИНАИ БАКАЛАВРИАТ БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

№	Гурӯҳи ихтисосҳо (кластерҳо)	Рамзи ихтисос	Ихтисос	Тибқи иҷозатнома	Нақшаи қабул	аз ҷумла, шакл ва забони таҳсил				
						рӯзона			фосилавӣ	
						тоҷикӣ	русӣ	англисӣ	тоҷикӣ	русӣ
1	1	1-91 01 01 01	Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ	25	20	20			0	
2	1	1-91 02 01	Сервиси тарабхона ва меҳмонхонаҳо	25	20	20			0	
3	1	1-9801010103	Системаҳои муҳофизатии иттилоот	25	20	20			0	
4	2	1-26 02 03	Маркетинг	75	60	40			20	
5	2	1-25 01 10 04	Фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори берунӣ	25	25	25				
6	2	1-25 01 07 05	Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои савдо	75	70	25	25		20	
7	2	1-26 02 02	Менеҷмент	75	70	25	25		20	
8	2	1-25 01 05	Омор	25	25	25			0	
9	2	1-25 01 09	Молшиносӣ ва муоинаи мол	50	45	25			20	
10	2	1-40 01 02 02	Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)	25	25	25			0	
11	2	1-25 01 12	Информатикаи иқтисодӣ	50	45	25			20	
12	2	1-25 01 10 26	Иқтисодиёти рақамӣ	25	20	20			0	
13	2	1-25 01 07 31	Иқтисодиёти бизнеси электронӣ	25	20	20			0	
14	2	1-26 02 02 22	Менеҷменти тарабхона ва меҳмонхонаҳо	25	20	20			0	
15	2	1-25 01 07 32	Иқтисодиёт ва ташкили бизнеси тарабхонаҳо	25	25	25			0	
16	2	1-25 01 07 17	Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои сайёҳӣ	25	20	20			0	
17	2	1-25 01 07 20	Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи хизматрасонӣ	25	20	20			0	
18	2	1-26 02 01 01	Бизнес - маъмуриятчигӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизмат	25	20	20			0	
19	2	1-89 01 01	Саёҳат ва меҳмондорӣ	50	35	20			15	
20	2	1-25 01 04 04	Суғурта	25	25	25			0	
21	2	1-96 01 01 03	Бехатарии иқтисодӣ	25	20	20			0	
22	2	1-25 01 04 03	Андоз ва андозбандӣ	100	95	50	25		20	
23	2	1-25 01 04 02	Кори бонкӣ	100	95	50	25		20	
24	2	1-25 01 04	Молия ва қарз	125	120	50	25	25	20	
25	2	1-25 01 08	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит	125	120	50	25	25		20
26	2	1-25 01 08 01	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо	50	50	50			0	
27	2	1-25 01 11	Аудит ва ревизия	75	70	50			20	
28	2	1-25 01 03	Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	125	120	50	25	25		20
29	2	1-96 01 01	Ҳадамоти гумрукӣ	125	120	75	25		20	
30	3	1-23 01 02 05	Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (робитаҳои иқтисодии берунӣ)	50	40	20	20		0	
31	4	1-23 01 01 03	Ташкили робитаҳои байналмилалӣ	25	25	25			0	
32	4	1-24 01 01 04	Ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратӣ	50	40	20	20		0	
33	4	1-24 01 03	Ҳуқуқи иқтисодӣ	75	75	50			25	
34	4	1-24 01 02 04	Ҳуқуқи андозу бонкӣ	25	25	25			0	
35	4	1-24 01 02 05	Ҳуқуқи гумрукӣ	50	50	25			25	
36	4	1-24 01 02 16	Ҳуқуқи иттилоотӣ	25	20	20			0	
ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ДУЮМ				50	50					50
ҲАМАГӢ				1925	1765	1095	240	75	265	90

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШКАДАИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ИМОМИ АЪЗАМ-АБУҲАНИФА НУЪМОН ИБНИ СОБИТ



Зокирзода Нусратулло МЕЛИК,
ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон

Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи исломии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №547 аз 2-юми ноябри соли 2007 расман таъсис ёфтааст. Донишкадаи исломии Тоҷикистон дар асоси (базаи) Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Имом Тирмизӣ, ки аз моҳи июни соли 1997 фаъолият менамуд, таъсис дода шудааст.

Ба муносибати 1310-солагии гиромидошти Имоми Аъзам-Абуҳанифа бо Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2009 №629 Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит номгузорӣ карда шуд.

Фаъолияти Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа дар заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, асноди меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушоваравии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Донишкада ба роҳ монда шудааст.

Донишкадаи исломии Тоҷикистон муассисаи таълимии ягона дар самти таълими динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки дар фазои соҳибистиқлолӣ фаъолият намудани Донишкада, пеш аз ҳама барои ба танзим даровардани ҳаёти динии кишвар, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти динӣ, забономӯзии аҳолӣ ва таъмини ходимони диние, ки дар руҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва арзишҳои мазҳаби ҳанафӣ тарбият ёфтаанд, мебошад. Бояд қайд намуд, ки таълими динӣ дар ДИТ дар доираи мазҳаби Имоми Аъзам-Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ба роҳ монда шудааст.

Донишкадаи исломии Тоҷикистон рисолати худро дар он мебинад, ки мутахассисони донишманду бофарҳанг, инсондӯсту ватанпарвар, ҷавононии бонангу фориғ аз ҷаҳлу таассуброро тарбия намуда, онҳоро дар рушду такомули ҳамаҷонибаи Ватан - Тоҷикистони азиз омода ва сафарбар намояд.

Таълим дар ДИТ тибқи низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда шудааст. Донишкада дорои китобхона, толори мутолиаи китобҳо, маҷлисгоҳ, маркази тестӣ, маркази омӯзиши компютерии пайваст ба шабакаи Интернет, синфхонаҳои махсуси омӯзиши забонҳои русӣ, арабӣ ва англисӣ мебошад. Барои мусоидат намудан ба раванди таълим ва пешбурди кори илмӣ-таълимӣ, фонди захираи китобхона мувофиқи фаъолияти самтҳои таълимӣ зиёд карда мешавад.

Донишҷӯён баъд аз хатми ДИТ, ки муҳлати меъёри таҳсилашон 5-сола мебошад, аз рӯи зинаи таҳсили бакалавр соҳиби чунин ихтисосҳо мегарданд:

1. 1-02030702 - "Забони хориҷӣ (арабӣ), информатика"(4900 сомонӣ).

2. 1-0230102 - "Таъминоти робитаҳои байнифарҳангӣ (аз рӯи самтҳо)" (5200 сомонӣ).

3. 1-02010205 - "Таърих, диншиносӣ" (3700 сомонӣ).

4. 1-21010103 - "Улуми исломӣ, матни классикӣ" (3700 сомонӣ).

5. 1-21010104 - "Улуми қуръонӣ, мероси хаттӣ" (3700 сомонӣ).







ФАКУЛТЕТҲО ВА КАФЕДРАҲО ДАР ДИТ

Имрӯз дар ДИТ 2 факултет - "Улуми исломӣ" ва"Филологияи Шарқ" ва 8 кафедра фаъолият мекунад:

"Улуми Қуръон ва ҳадис".
"Шариати исломӣ".
"Забон ва адабиёти араб".
"Таърих ва диншиносӣ".
"Илмҳои ҷамъияттшиносӣ".
"Илмҳои табиӣ ва иттилоотӣ".
"Забонҳо".
"Педагогика ва мероси ниёгон"

ИХТИСОСҲО ДАР ДИТ

Қабули довталабон дар ДИТ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Таҳсил дар ДИТ ба тариқи рӯзона, ғоибона - (фосилавӣ) ба роҳ монда шудааст.

Суроғаи Донишкада:

шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шодмонӣ 58/1

Телефон (+992 37) 224-22-36

Факс (+992 37) 224 20 55.

E-mail: islamtaj@mail.ru

ДОВТАЛАБИ АЗИЗ, РАҚАМИ БАҚАЙДГИРИИ ДОНИШКАДАИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «208» МЕБОШАД.